*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 92 - 93 (4512 - 4513) | ЧОРШАНБЕ, 27 ИЮЛИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|

## МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО ИГОР КРАСНОВ



**Бисту панҷуми июли соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Прокурори генералии Федератсияи Россия Игор Красновро, ки бо сафари корӣ ба Тоҷикистон ташриф овардааст, ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар рафти мулоқот доираи васеи масъалаҳои вобаста ба таъмини амният ва ҳамкориҳои ҳуқуқӣ дар чорчӯбаи шарикии стратегии Тоҷикистон ва Россия баррасӣ гардид. Дар ин зимн мавзӯъҳои таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи шаҳрвандони ҳар ду кишвар аз ҳама гуна зуҳуроти ҷиноятӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо қарор доштанд.

Муҳимияти таҳкими ҳамкории Тоҷикистон ва Россия дар самти мубориза муштарак бар зидди терроризм, экстремизм ва ҷиноятҷорӣ муташаккили фаромиллӣ, бахусус қочоқи маводи мухаддир ва силоҳ, киберҷиноятҳо ва дигар навъи ҷиноятҷории махсусан вазнин низ таъкид карда шуд.

Ҷонибҳо, масъалаҳои аз байн бурдани хатарҳои мавҷудаи дохилиро, ки бо тамоюли таҳмили идеологияи тундгароии динӣ ба ҷомеа, ҳамчунин гурӯҳҳои «хуфта»-и терроризму экстремизми байналмилалӣ алоқамандӣ доранд, баррасӣ намуданд.

Зимни суҳбат атрофи вазъи мураккаб дар Афғонистон, ҳамчунин, масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ҳамкории мақомоти прокуратураи ҳар ду кишвар дар самти расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноӣ ва истирдоди ҷиноят-корони дар ҷустуҷӯ қарордошта мубодилаи афкор сурат гирифт.

## НОМАИ ШОДБОШӢ



**23 июли соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти тозаинтихоби Ҷумҳурии Ҳиндустон муҳтарам Драупади Мурму номаи шодбошӣ ирсол намуданд, ки дар он, аз ҷумла, омадааст:**

**«Хонуми Олиҷоҳ!**

Ба муносибати интихоб гардиданатон ба мақоми олии Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон сарфарозам ба Шумо табрикоти самимона ва таманниёти неки ин ҷонибро ирсол намоям.

Ҳиндустон дар арсаи байналмилалӣ мақому манзалати хосса дорад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша алоқаманди рушду тавсеаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанба бо он дар ҳама арсаи мавриди манфиатҳои тарафайн мебошад.

Соли равон Тоҷикистон ва Ҳиндустон 30 - солагии истиқрори робитаҳои дипломатиашонро ҷашн мегиранд. Боиси қаноатмандист, ки муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои мо тӯли ин давра ба таври муассир густариш ёфта, тобишҳои ҷадиду созанда пайдо кардаанд.

Изҳори умед менамоям, ки Шумо ба ҳайси Президенти Ҳиндустон саъю талошҳои худро ҷиҳати пешбурди самарабахши ин раванд дареғ нахоҳед дошт. Итминон дорам, ки мо бо кӯшишҳои муштарак ҳамёрии кишварҳоямонро мутобиқ ба манфиатҳои аслии мардумонамон ба зинаҳои боз ҳам баланд хоҳем баровард.

Ба Шумо саломатии комилу саодатмандӣ ва дар иҷрои рисолати худ комёбиҳои рӯзафзун, ба мардуми дӯсти Ҳиндустон сулҳу субот ва рифоҳу шукуфоии бардавом орзу дорам».

## СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ



**24 июли соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев суҳбати телефонӣ анҷом доданд.**

Дар оғоз Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёевро ба муносибати зодрӯзашон самимона табрик гуфта, ба ӯ сиҳатмандиву саодат ва дар татбиқи нақшаҳояш комёбиҳои рӯзафзун орзу намуданд. Инчунин, ба мардуми бародари Ӯзбекистон дар роҳи рушди устувор дастовардҳои навин хостанд.

Зимни суҳбат бо таъкиди аҳамияти ба таври фаъол амалӣ гардонидани мувофиқаҳои бадастомада дар чорчӯбаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон моҳи июни соли равон масъалаҳои рӯзмарраи муносибатҳои дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва шарикии стратегии Тоҷикистону Ӯзбекистон низ баррасӣ шуданд.

Ҳамчунин, мавзӯъҳои амнияти минтақавӣ ва саммити дарпешистодаи Созмони ҳамкории Шанхай, ки моҳи сентябри соли равон дар шаҳри Самарқанд баргузор мегардад, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

**www.president.tj**

## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**25 июли соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳоеро, ки дар воҳидҳои сохтории вазоратҳои энергетика ва захираҳои об, нақлиёт, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин гардиданд, барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси ноҳияи Варзоб - Шерализода Муҳамадулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифа озод гардида, Сафарзода Шарифхон, ки то имрӯз дар вазифаи муовини якуми раиси ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе фаъолият дошт, раиси ноҳияи Варзоб таъин гардид.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ, ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ва директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғи ВМКБ» бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифа озод гардида, Комилбек Амид, ки ба ҳайси ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекард, ба вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ва Бойназарзода Мавлуда директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғи ВМКБ» таъин гардиданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат ба кадрҳо таъкид карданд, ки дар фаъолияти хизмати давлатӣ ҷиддӣ, софдилона ва бо ҳисси баланди масъулият муносибат карда, манфиатҳои давлату миллатро аз дигар манфиатҳо боло гузоранд, то дар ҷомеа намунаи ибрат бошанд.

### ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Варзоб озод намудани Шерализода М. У.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шерализода Муҳамадулло Умар бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Варзоб озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 25 июли соли 2022, № 414**

### ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Варзоб таъин намудани Сафарзода Ш. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафарзода Шарифхон Нураҳмад иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Варзоб таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 25 июли соли 2022, №415**

### ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 25 июли соли 2022 №339, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Сироҷзода Ш. Х.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сироҷзода Шуҷоат Хайрулло аз вазифаи муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

### ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 25 июли соли 2022, №340, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ озод намудани Замонзода М. А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Замонзода Мадамон Амирхон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

### ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 25 июли соли 2022, №341, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи директори Муассисаи давлатии «Маркази идораи лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо» озод намудани Хоҷазода А. Н.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Хоҷазода Абдулаҳад Назариён бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Муассисаи давлатии «Маркази идораи лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

### ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 25 июли соли 2022, №342, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев озод намудани Юсуфзода Г.А.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Юсуфзода Гулзорхон Амиршоҳ бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

### ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 25 июли соли 2022 №343, ш. Душанбе**
**Дар бораи аз вазифаи директори Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» озод намудани Қонунзода Ш. Х.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонунзода Шодигул Худобахш бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

### ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 25 июли соли 2022, №344, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Неъматзода Ф. Н.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Неъматзода Фаррух Неъмат муовини вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

### ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 25 июли соли 2022, №345, ш. Душанбе**
**Дар бораи сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ таъин намудани Ғафурзода Т.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ғафурзода Тағоймурод сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

### ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 25 июли соли 2022, №346, ш. Душанбе**
**Дар бораи директори Муассисаи давлатии «Маркази идораи лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо» таъин намудани Мирзоализода Б. М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мирзоализода Баҳром Мирзоалӣ директори Муассисаи давлатии «Маркази идораи лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

### ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 25 июли соли 2022, №347, ш. Душанбе**
**Дар бораи муовини директори Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Тоҳирзода Қ. Т.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Тоҳирзода Қобил Тоҳир муовини директори Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

### ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 25 июли соли 2022, №348, ш. Душанбе**
**Дар бораи ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев таъин намудани Комилбек А. Ё.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Комилбек Амид Ёрбек ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

### ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 25 июли соли 2022, №349, ш. Душанбе**
**Дар бораи директори Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» таъин намудани Бойназарзода М.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Бойназарзода Мавлуда директори Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## НОМЗАДИИ АЛИШЕР МИРЗОНАБОТ БА УЗВИЯТИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ПЕШБАРӢ ГАРДИД

**22 июли соли равон иҷлосияи ғайринавбатии ёздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон даъвати шашум баргузор гардид. Дар ин бора АМИТ «Ховар» хабар додааст.**



Нахуст муовини раиси вилоят Умедҷон Носирзода иттилоъ дод, ки 18 июл дар иҷлосияи ғайринавбатии Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Шуғнон масъалаи пешбарии номзад ба узвияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази узви хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоби узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ВМКБ №1 мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Мутобиқи моддаи 32 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ивази узви хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии ВМКБ №1 номзадии раиси ВМКБ Алишер Мирзонабот ба узвияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ гардида, вакилон пешниҳодро якдилона маъқул донистанд ва дар ин бора қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Шуғнон таҳти № 75 ба тасвиб расид.

Умедҷон Носирзода лоиҳаи қарори Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ-ро доир ба қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Шуғнон ҷиҳати пешбарии номзадии Алишер Мирзонабот ба узвияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази узви хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоби узви Маҷлиси миллӣ аз ВМКБ, №1 барои овоздиҳӣ ва қабули қарори дахлдор ба вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилоят пешниҳод намуд, ки он якдилона қабул гардид.

**Таҳияи Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

## СОКИНИ ДАҲМИЛЛИОНУМИНИ ТОҶИКИСТОН БА ДУНЁ ОМАД



**Бино ба иттилои АМИТ «Ховар», навзод 23 июли соли ҷорӣ, соати $12^{00}$ дар таваллудхонаи №2 шаҳри Душанбе ба дунё омада, ба ӯ Фирдавс ном гузоштанд. Волидонаш Фаридун Баротов ва Махфират Шокирова сокинони ноҳияи Шоҳмансури пойтахт буда, Фирдавс аввалин фарзанди оилаи ҷавон мебошад.**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон падару модари тифлро муборакбод гуфта, ба Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дастур доданд, ки онҳоро бо манзили истиқоматӣ таъмин намоянд.

Ҳамчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сокинони мамлакатро ба муносибати ба 10 миллион нафар расидани шумораи аҳолии кишвар табрик намуданд.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар бораи ба Махфират Шокирова ҷудо кардани хонаи сеҳуҷрагӣ қарори дахлдор имзо карда, калиди онро аз номи Пешвои миллат ва Раиси шаҳри Душанбе муовини Сарвазири мамлакат Матлубахон Сатториён ва муовини Раиси шаҳри Душанбе Дилбар Одилзода тақдим намуданд. Инчунин, бо ташаббуси Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳуҷраи навзод бо ашёи рӯзгор таъмин карда мешавад.

**Таҳияи Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатиро муайян намуда, ба мукаммалсозии раванди таҳия, тасдиқ ва амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ равона карда шудааст.

**БОБИ 1.**
**МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **бахши давлатӣ** – мақомоти амаликунандаи фаъолияти иқтисодӣ ва ташкилотҳое, ки дорои ҳиссаи давлатӣ мебошанд;

2) **банақшагирии стратегӣ** – банақшагирии самтҳои асосии фаъолияти ҳамаи соҳаҳо бо мақсади муайяннамоӣ ва амалисозии ҳадафҳои афзалиятноки рушд, таҳияи усулу воситаҳо барои ноилшавӣ ба мақсадҳои стратегӣ ва арзёбии натиҷаҳои бадастомада;

3) **барнома** – маҷмӯи тадбирҳо, чорабиниҳо ва нақшаҳои мувофиқашудаи амалҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои умумӣ дар доираи афзалиятҳои сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ бо назардошти истифодаи босамари захираҳои табиӣ, моддӣ ва молиявӣ дар давраи миёнамуҳлат;

4) **арзёбӣ** – таҳлили натиҷаҳои фаъолият ё самараи бадастомада вобаста ба амалишавии барномаҳо, стратегияҳо ва чорабиниҳои муайяни нақшавӣ бо мақсади тасҳеҳи нишондиҳандаҳо ва такмили фаъолият дар ин самт;

5) **дурнамоҳои давлатӣ** – пешбинӣ намудани нишондиҳандаҳои дахлдор оид ба вазъи ояндаи имконпазири иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ, экологӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиаи кишвар ва нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи параметрҳои ҳолати мазкур дар асоси фарзияи илмию амалӣ асоснокшуда барои давраҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат;

6) **дурнамосозии давлатӣ** – фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва субъектҳои хоҷагидор оид ба таҳия ва такмили дурнамоҳо бо мақсади қабули қарорҳо зимни таҳияи нақшаву барномаҳо дар ҳамаи сатҳҳо;

7) **консепсия** – маҷмӯи дурнамоҳо аз нуқтаи назари илмию амалӣ асоснокгардашуда ва бо ҳам алоқаманд, ки низоми ягонаи пешгӯии ҳадафҳои стратегӣ, афзалиятҳо, самтҳои рушди иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои алоҳидаи онро дар ояндаи дарозмуҳлат дар бар мегирад;

8) **мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ** – мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи рушди иқтисод ва савдо, ки мақомоти банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозиро роҳбарӣ ва ҳамоҳанг месозад;

9) **моделҳои дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ** – таъминоти барномавии тавассути формулаҳои эконометрикӣ таҳияшуда, ки барои арзёбии дурнамосозии нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин муайян намудани дараҷаи алоқамандии байни нишондиҳандаҳо истифода мешавад;

10) **мониторинги ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ** – раванди ҷамъоварӣ ва таҳлили мунтазами маълумот оид ба нишондиҳандаҳои мақсаднок (индикаторҳо) барои муайянкунии тағйирот ё пешрафт дар раванди амалисозии ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ;

11) **нақшаи амал** – маҷмӯи амал ё чорабиниҳои муҳлаташ муайян, қаблан мувофиқашуда ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафҳо ва ҳалли вазифаҳои дар ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ гузошташуда;

12) **стратегия** – нақшаи дарозмуҳлати амалҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайяншуда бо мақсади таъмини рушди устувор ва мутавозин дар заминаи истифодаи оқилонаи захираву иқтидорҳои мавҷуда;

13) **ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ** – дурнамоҳои давлатӣ, стратегияи миллии рушд, барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаҳои амали Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ, стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаи амали соҳавии давлатӣ, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва нақшаҳои амали онҳо, инчунин барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрак ва деҳот;

14) **чораҳои тасҳеҳкунанда** – вобаста ба натиҷаи арзёбӣ тағйир додани ҳадафҳо, вазифаҳо, нишондиҳандаҳо ва амалҳо дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ бо роҳи таҷдид ва такмили онҳо;

15) **Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** – мақоми машваратию ҳамоҳангсоз оид ба муҳокимаи амалисозии ҳадафҳо, чорабиниҳо ва нишондиҳандаҳои ҳуҷҷатҳои стратегии дахлдори кишвар, инчунин мукаммалсозандаи раванди банақшагирии стратегӣ, таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Принсипҳои асосии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ**

Банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ ба принсипҳои зерин асос меёбанд:

1) қонуният – мутобиқати ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамоҳои давлатӣ ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст;

2) яголагӣ – мувофиқати мутақобилаи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамоҳои давлатӣ дар ҳама сатҳҳо барои давраҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат;

3) воқеият – таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамоҳои давлатӣ дар асоси маълумоти расмӣ, иқтидорҳои мавҷуда ва ҳадафу вазифаҳои муайяншуда;

4) асоснокии илмӣ – таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ аз нуқтаи назари илмӣ асоснок, ки бо истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва такмили доимии методологияи таҳия мешаванд;

5) шаффофият – дастрасии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамоҳои давлатӣ, ба истиснои баъзе ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дорои сирри давлатӣ;

6) самаранокӣ – ба роҳ мондани иҷрои самараноки ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамоҳои давлатӣ дар ҳамаи сатҳҳо;

7) пайдарпайӣ ва доимӣ – таъмини муттасилӣ ва давомнокии ҳадафу афзалиятҳо дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамоҳои давлатӣ дар ҳамаи сатҳҳо;

8) масъулиятнокӣ – бо масъулияти баланд сари вақт ва бо сифат таҳия намудани ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамоҳои давлатӣ.

**БОБИ 2.**
**САЛОҲИЯТ ВА ВАКОЛАТҲОИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ**

**Моддаи 4. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

1) консепсия, стратегия, барнома ва нақшаҳои амал оид ба амалисозии онҳоро тасдиқ менамояд;

2) ҳисоботҳоро оид ба иҷрои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ баррасӣ менамояд;

3) барои беҳтар намудани амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ чораҳои зарурӣ меандешад;

4) тартиб ва нақшаи таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро тасдиқ менамояд;

5) тартиби гузаронидани низоми мониторинг ва арзёбиро ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ муайян менамояд;

6) мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатиро муайян мекунад;

7) тартиби таҳияи дурнамоҳои давлатиро тасдиқ менамояд;

8) тартиби фаъолияти низоми иттилоотии идоракунии банақшагирии стратегиро тасдиқ менамояд;

9) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои дигар салоҳият мебошад.

**Моддаи 5. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) афзалиятҳои сиёсат, ҳадафҳо ва вазифаҳои соҳаҳоро якҷо бо мақомоти ваколатдори давлатии дахлдор мутобиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ муайян менамояд;

2) мутобиқати ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро бо ҳадафу афзалиятҳои миллӣ ва ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба Ҳадафҳои Рушди Устувор, ҳамоҳанг менамояд;

3) раванди таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва назорати сифати онҳоро ҳамоҳанг менамояд;

4) дастгирии методии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозиро таъмин менамояд;

5) дастгирии раванди банақшагирии стратегиро дар масъалаҳои илмӣ-техникӣ, иттилоотӣ, захиравӣ ва кадрӣ таъмин менамояд;

6) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми самаранокии гузаронидани мониторинг ва ҳисоботдиҳиро амалӣ менамояд;

7) раванди рақамикунонии банақшагирии стратегиро ба роҳ мемонад;

8) маълумотро оид ба амалишавии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва нақшаҳои чорабиниҳои он аз вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор тибқи муҳлати муқарраргардида дастрас карда, арзёбӣ менамояд;

9) оид ба иҷрои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ ва нақшаҳои чорабиниҳои онҳо ҳамасола тибқи муҳлати муқарраргардида гузориши таҳлилиро бо дарҷи маълумот оид ба камбудиҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо омода карда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

10) тартиби таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стретегиро омода ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

11) ваколатҳои дигарро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

**Моддаи 6. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ**

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

1) дар доираи ваколатҳои худ самтҳои афзалиятноки сиёсат, ҳадафу вазифаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати рушди воҳидҳои дахлдори маъмурию ҳудудиро, ки бо ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ ҳамоҳанг шудаанд, муайян менамоянд;

2) ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро оид ба масъалаҳои мансуб ба ваколатҳои онҳо таҳия ва тасдиқ намуда, мувофиқат ва мутавозинии онҳоро бо ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ таъмин менамоянд;

3) аз мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба иҷрои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ маълумот ҷамъоварӣ менамоянд;

4) оид ба иҷрои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ҳамасола тибқи тартиб ва муҳлати муқарраргардида ҳисобот омода менамоянд;

5) арзёбии амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро мегузаронанд ё гузаронидани арзёбиро мутобиқи муқаррарот дар бораи арзёбии пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил менамоянд;

6) оид ба арзёбӣ вобаста ба иҷрои тавсияҳо ҳисобот ва пешниҳодҳо омода карда, онҳоро ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ пешниҳод менамоянд;

7) дар ҳолати зарурӣ гузаронидани муҳокимаи масъалаҳои ҳалталабро оғоз менамоянд;

8) дар таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ иштирок менамоянд;

9) оид ба истифодаи усул ва воситаҳо барои гузаронидани таҳлил, мақсадгузорӣ, муқаррар намудани нишондиҳандаҳо барои муайянкунии мақсадҳо ва арзёбии хароҷот дастурҳои методиро таҳия ва тасдиқ менамоянд;

10) оид ба мониторинг ва таҳлили дурнамоҳои давлатӣ ҳамасола ҳисобот омода менамоянд.

**Моддаи 7. Салоҳияти Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ масъалаҳои амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллиро баррасӣ менамояд.

2. Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои салоҳияти зерин мебошад:

1) ҳамгироии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ барои муттаҳид намудани кӯшишҳои кишвар ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар;

2) муҳокимаи раванди амалишавии ислоҳоти идораи давлатӣ, соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба такмили онҳо;

3) баррасӣ намудани ҳисоботи соҳаҳои алоҳида дар доираи амалишавии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии кишвар ва ноилшавӣ ба Ҳадафҳои Рушди Устувор;

4) муҳокима ва омода намудани тавсияҳо оид ба тасҳеҳи ҳадафу вазифа ва нишондиҳандаҳои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ;

5) муҳокима ва таҳия намудани тавсияҳо оид ба тасдиқи лоиҳаҳои стратегии рушди кишвар;

6) баррасӣ намудани ҳисобот оид ба раванди амалишавии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ.

3. Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми машваратӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

4. Салоҳияти Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи низомномаи он, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муайян карда мешаванд.

**БОБИ 3.**
**ҲУҶҶАТҲОИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ВА КОНСЕПСИЯ**

**Моддаи 8. Дараҷабандии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ**

1. Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ се сатҳи зеринро дар бар мегиранд:

1) ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ - стратегияҳои миллии рушд, барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаҳои амали Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи соҳавӣ - стратегия, барномаҳо ва нақшаи амали соҳавии давлатӣ;

3) ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи маҳал - дурнамоҳои давлатӣ, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва нақшаҳои амали онҳо, инчунин барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрак ва деҳот.

2. Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар алоқамандӣ бо якдигар ҳамоҳанг гардида, мутобиқи сохтори дараҷабандии пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур таҳия карда мешаванд.

3. Стратегияи миллии рушд ҳуҷҷати асосии банақшагирии стратегӣ мебошад, ки ҳамаи стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои амал бо он мутобиқ карда мешаванд.

**Моддаи 9. Сохтор ва мазмуни ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ**

1. Стратегияи миллии рушд ва стратегияҳо бояд инҳоро дар бар гирад:

1) шарҳи мухтасари ҳуҷҷати стратегӣ;

2) таҳлили ҳолати ҷории дорои натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории тадқиқот, баҳрагирандагон (гурӯҳҳои мақсадноки стратегия), таҳлили заминаи дахлдори қонунгузорӣ;

3) мушкилоти асосӣ;

4) рисолат, ҳадаф ва вазифаҳои ҳуҷҷати стратегӣ;

5) нишондиҳандаҳои мақсаднок (натиҷаҳои фаврӣ, натиҷаҳои ниҳоӣ);

6) ҳисобҳои молиявии амалисозии ҳуҷҷати стратегӣ;

7) самтҳои асосӣ ва механизмҳои амалисозии ҳуҷҷати стратегӣ;

8) арзёбии хавфҳо (сиёсӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ), ки метавонанд ба амалисозии стратегия таъсир расонанд;

9) ҳисоботдиҳӣ, мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷати стратегӣ.

2. Дурнамои давлатӣ, барномаҳои миёнамуҳлати рушд, барномаҳо ва нақшаҳои амали соҳавии давлатӣ, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва нақшаи амали онҳо, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрак ва деҳот инҳоро дар бар мегиранд:

1) истинод ба ҳуҷҷатҳои стратегии миллии банақшагирии стратегӣ, ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлат;

2) чорабиниҳои мушаххас барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда;

3) ҳадаф ва вазифаҳо;

4) мақомоти (ташкилоти) масъул;

5) шарикони рушд;

6) муҳлати амалисозии чорабиниҳои мушаххас;

7) буҷети пешбинишаванда;

8) манбаъҳои маблағгузорӣ (буҷети давлатӣ, маблағгузории донорҳо, маблағгузории муштарак) бо нишон додани ҳиссаи ҳар як манбаъ;

9) натиҷаҳои чашмдошт, нишондиҳандаҳои раванд, сатҳи таъсир барои ҳар як фаъолият.

3. Барнома, ба ғайр аз қисмҳои таркибии пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур, метавонад шарҳи мухтасар, таҳлили ҳолат ва натиҷаҳои чашмдоштро, ки дар асоси стратегияи бахши дахлдор таҳия гардидаанд, дар бар гирад.

**Моддаи 10. Консепсия**

1. Консепсия дар асоси дурнамоҳои давлатӣ барои ояндаи дарозмуҳлат таҳия карда мешавад.

2. Консепсия масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

1) маҷмӯи нуқтаи назарҳои илман асосноккардашуда ва бо ҳам алоқаманд;

2) пешгӯии ҳадафҳои стратегӣ, афзалиятҳо ва самтҳои рушди иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои алоҳидаи он дар ояндаи дарозмуҳлат;

3) низоми усулҳои ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳаҳои алоҳидаи он бо назардошти ҳадафҳои стратегии кишвар;

4) самтҳои асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат, аз ҷумла самтҳои сиёсати мазкур нисбат ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва комплексҳои байнисоҳавӣ, инчунин самтҳои асосии сиёсати илмию техникӣ, навоварӣ, сармоягузорӣ, экологӣ, минтақавӣ ва иқтисодии хориҷӣ.

**БОБИ 4.**
**РАВАНДИ ТАҲИЯИ ҲУҶҶАТҲОИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ ВА КОНСЕПСИЯ**

**Моддаи 11. Таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ ва консепсия**

1. Дурнамоҳои давлатӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ таҳия гардида, дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

2. Дурнамоҳои давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

3. Дурнамоҳои давлатӣ барои самтҳои иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ, экологӣ, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиаи кишвар барои соли навбатӣ ва параметрҳои он барои 2 соли оянда таҳия мешаванд.

4. Консепсияро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати на камтар аз 20 сол тасдиқ ва онро дар 5 сол як маротиба дар ҳолати зарурӣ тасҳеҳ менамояд. Дар асоси консепсия стратегия муайян карда мешавад.

5. Тартиби таҳия ва тасҳеҳи консепсияро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

6. Стратегияи миллии рушд ва барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ таҳия гардида, дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ барои баррасӣ ва маъқул донистан ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

7. Стратегияи миллии рушд ва барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимою иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

8. Давраи амали стратегияи миллии рушд на камтар аз 15 сол ва давраи амали барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон на камтар аз 5 солро дар бар мегиранд.

9. Нақшаи амали Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти давлатӣ вобаста ба самти фаъолияташон таҳия гардида, дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии дахлдор барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

10. Нақшаи амали Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 1 сол ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои 3 сол бо имконияти бознигарии ҳарсола аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 12. Таҳия ва тасдиқи стратегияҳо, барномаҳои соҳавӣ ва нақшаҳои амал**

1. Стратегияҳо, барномаҳои соҳавӣ ва нақшаҳои амал аз ҷониби вазорату идораҳо вобаста ба самти фаъолияташон таҳия гардида, дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

2. Стратегияҳо, барномаҳои соҳавӣ, нақшаҳои амал аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияҳо, барномаҳои соҳавии бахши пулию қарзӣ ва молиявӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

3. Давраи амали стратегияҳои соҳавӣ на камтар аз 15 сол ва давраи барномаҳои соҳавӣ на камтар аз 5 солро, ба истиснои стратегияҳо ва барномаҳои соҳавии бахши пулию қарзӣ ва молиявӣ дар бар мегиранд.

4. Нақшаҳои амали соҳавӣ барои 1 сол ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои 3 сол бо имконияти бознигарии ҳарсола аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

5. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати иҷрои саривақтӣ, пурра ва самараноки стратегия, барномаҳо ва нақшаҳои амали соҳавӣ масъул мебошанд.

**Моддаи 13. Таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар сатҳи маҳал**

1. Барномаҳои рушди иҷтимою иқтисодии маҳалҳо барои давраи миёнамуҳлат дар асоси ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ таҳия мегарданд.

2. Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои давраи 5 сол таҳия мешаванд.

3. Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия гардида, аз ҷониби маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо тасдиқ карда мешаванд.

4. Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрак ва деҳот аз ҷониби маҷлиси ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот барои давраи 5 сол таҳия ва тасдиқ карда мешаванд.

5. Нақшаҳои амал дар сатҳи маҳал оид ба ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия гардида, аз ҷониби раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва раисони ҷамоатҳо барои 1 сол ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои 3 сол тасдиқ мегарданд.

**Моддаи 14. Тартиби таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва сатҳи маҳал**

Тартиби таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва сатҳи маҳалро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**Моддаи 15. Таъминоти молиявии чорабиниҳое, ки дар ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ ба нақша гирифта шудаанд**

1. Арзиши хароҷот барои амалисозии чорабиниҳои пешбининамудаи ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ дар доираи имкониятҳои буҷети давлатӣ, инчунин захираҳое, ки ҷалб намуданашон аз манбаъҳои дохиливу берунӣ ба нақша гирифта шудааст, муайян карда мешавад.

2. Мақоми масъули таҳиякунандаи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ барои амалисозии чорабиниҳои пешбинишудаи ҳуҷҷати мазкур нақшаи буҷетиро тартиб медиҳад.

3. Хароҷот барои амалисозии ҳар як намуди чорабинӣ барои ҳар сол барои тамоми давраи нақшаи чорабиниҳои пешбинишуда аз рӯи манбаъҳои буҷети давлатӣ ва ғайрибуҷетӣ алоҳида пешниҳод карда мешавад.

4. Ҳаҷм ва манбаъҳои буҷетии маблағгузории чорабиниҳои пешбинишудаи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии таҳияшаванда бояд то оғози соли молиявӣ мутобиқ ба ҷараёни таҳияи буҷети давлатӣ, аз ҷумла буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои ду соли минбаъда муайян карда шаванд.

5. Дар ҳолати маҳдудияти захираҳои буҷети давлатӣ тақсимоти маблағгузорӣ байни афзалиятҳои ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ вобаста ба мутобиқати вазифаҳо ба нишондиҳандаҳои мақсадноки ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии миллӣ амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 16. Назорати сифат ва талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ**

1. Назорати сифати ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ амалӣ карда мешавад.

2. Ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ бояд ба талаботи зерин мувофиқат кунанд:

1) мутобиқати ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии соҳавӣ ва сатҳи маҳал ба ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, афзалиятҳои сиёсат ва ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) мутобиқати ҳадаф, афзалият ва вазифаҳои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ба Ҳадафҳои Рушди Устувор;

3) мавҷуд будани таҳлили заминавӣ ва асоснокунии мушкилоти мавҷуда;

4) муайян намудани воситаҳои ноил шудан ва роҳҳои давра ба давра амалӣ гардидани мақсаду афзалиятҳо;

5) таъмини муносибати барномавии мақсаднок байни чорабиниҳои банақшагирӣ, барномасозӣ ва буҷетикунонӣ;

6) муайян намудани нишондиҳандаҳо барои мониторинг, натиҷаҳои пешбинигардида ва манбаъҳои маблағгузорӣ;

7) дастрасӣ ва воқеияти нишондиҳандаҳои самаранокӣ;

8) эътимоднокии манбаъҳои маблағгузории чорабиниҳои пешбинишуда;

9) шаффоф ва оммавӣ будани раванди таҳияи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, ба истиснои масъалаҳои марбут ба сирри давлатӣ.

**БОБИ 5.**
**МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ ҲУҶҶАТҲОИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГӢ**

**Моддаи 17. Мониторинги амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ**

1. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии банақшагирии стратегӣ ва беҳтар намудани фаъолият оид ба банақшагирии стратегӣ, сари вақт ошкор намудани инҳироф, тасҳеҳи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва ҳалли мушкилоти ҳангоми амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ошкоргардида мониторинги амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ гузаронида мешавад.

2. Мониторинги амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 18. Арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ ҳар сол шарҳи миёнамуҳлати (фосилавии) нақшаи чорабиниҳои пешбинишуда ва арзёбии ниҳоии ҳуҷҷати банақшагирии стратегии сатҳи миллиро мегузаронад.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ интихобан арзёбии ҳарсолаи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии соҳавӣ ва сатҳи маҳалро мегузаронад.

3. Дар ҳолати зарурӣ, инчунин агар зимни амалисозии ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ якчанд вазорату идораҳо иштирок намоянд, метавонад гурӯҳи мақсаднок оид ба арзёбӣ таъсис дода шавад.

**Моддаи 19. Низоми электронии идоракунии банақшагирии стратегӣ**

1. Идоракунии банақшагирии стратегӣ, аз ҷумла банақшагирӣ, таҳия, амалисозӣ, мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ бо истифода аз низомҳои иттилоотии идоракунии банақшагирии стратегӣ амалӣ карда мешавад.

2. Тартиби фаъолияти низоми иттилоотии идоракунии банақшагирии стратегӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**БОБИ 6.**
**ДУРНАМОСОЗИИ ДАВЛАТӢ**

**Моддаи 20. Дурнамоҳои давлатӣ**

1. Дурнамоҳои давлатӣ барои давраҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат тавассути барномаҳо ва моделҳои дурнамосозӣ барои соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ, экологӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва мудофиаи кишвар таҳия карда мешаванд.

2. Дурнамоҳои давлатӣ барои давраи кӯтоҳмуҳлат шарҳи ҳолати воқеии соҳаҳо дар солҳои гузашта, инчунин самтҳои асосии рушд барои соли навбатӣ ва нишондодҳои онро барои ду соли минбаъда дар бар мегиранд.

3. Дурнамоҳои давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат ба муҳлати то 5 сол бо тақсимот аз рӯи солҳо таҳия гардида, ҳар сол тасҳеҳ меёбанд.

4. Дурнамоҳои давлатии рушд барои давраи дарозмуҳлат ба муҳлати на камтар аз 10 сол таҳия гардида, ҳар 5 сол тасҳеҳ меёбанд.

5. Дурнамоҳои давлатӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли молиявии навбатӣ ва нишондиҳандаҳои он барои ду соли минбаъда ба инобат гирифта мешаванд.

6. Дурнамоҳои давлатӣ:

1) ба дурнамоҳои демографӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, соҳавӣ, экологӣ, илмию техникӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиаи кишвар асос меёбанд;

2) аз рӯи сенарияҳои буҳронӣ, заминавӣ ва некбинона бо назардошти таъсири эҳтимолии омилҳои дохилию берунӣ, афзалиятҳои сиёсати давлатии иҷтимоию иқтисодӣ, чораҳои танзими давлатии иқтисодиёт, соҳаи иҷтимоӣ ва марҳилаҳои амалисозии онҳо таҳия карда мешаванд;

3) нишондиҳандаҳои миқдориеро, ки суръату таносубҳои рушди иқтисодӣ, динамикаи истеҳсолот ва сохтори он, ҳаҷми истеҳсол ва истеъмоли молҳоро (кор ва хизматрасонӣ) аз рӯи гурӯҳҳои асосии молҳо, натиҷаҳои пешрафти илму техника, сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва шуғл, сохтори иҷтимоии ҷомеа ва рушди соҳаҳои дигар, арзёбии сатҳи бадастомадаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ нишон медиҳанд, дар бар мегиранд;

4) арзёбии самараи иқтисодӣ ва иҷтимоиро аз амалисозии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар бар мегиранд;

5) вариантҳои сенарияҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи дарозмуҳлат бо назардошти тағйирёбии шароити дохилию берунии рушд дар бар мегиранд.

7. Тартиби таҳияи дурнамоҳои давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 21. Дурнамоҳои давлатии рушди бахши давлатӣ**

1. Дурнамоҳои давлатии рушди бахши давлатӣ дар доираи дурнамои давлатии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамоҳои давлатии рушди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо аз рӯи соҳаҳо барои ояндаи кӯтоҳмуҳлат тартиб дода мешаванд.

2. Дурнамоҳои давлатии рушди бахши давлатӣ нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегиранд:

1) хароҷот барои амалисозии барномаҳои сармоягузорӣ бо нишон додани номгӯи иншоот ва муҳлати сохтмони онҳо, барои навсозӣ ё таҷдиди иншооти моликияти давлатӣ, иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструктории марбут ба хариди мол (кор ва хизматрасонӣ) ва эҳтиёҷоти онҳо;

2) маълумот дар бораи фаъолияти субъектҳои хоҷагидори бахши давлатӣ, аз ҷумла ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ва фурӯхташуда, содироту воридоти мол (кор ва хизматрасонӣ), маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби манбаъҳои худӣ ва қарзӣ;

3) маълумот дар бораи истеҳсоли маҳсулот (кор ва хизматрасонӣ) аз ҷониби ташкилотҳои дорои ҳиссаи давлатӣ.

3. Дурнамоҳои давлатии рушди бахши давлатӣ, инчунин нишондиҳандаҳои истифодаи моликияти давлатиро бо назардошти чораҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии онҳо дар бар мегиранд.

**Моддаи 22. Дурнамоҳои давлатии рушди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо**

Дурнамоҳои давлатии рушди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ ва мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ таҳия гардида, аз ҷониби маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо тасдиқ карда мешаванд.

**БОБИ 7.**
**МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 23. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 24. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 августи соли 2018 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2018, №7-8, мод.527) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 25. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1894**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №301**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2018, № 1111 «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2018, № 7-8, мод.527) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 25 майи соли 2022, № 724**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 604) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- дар сархати ҳаждаҳум калимаи «моликияти» ба калимаҳои «молу мулки» иваз карда шавад;
- дар сархати бисту ҳафтум калимаи «медиҳанд» ба калимаҳои «таъмин менамоянд» иваз карда шавад;
- ба сархати ҳафтоду якум пас аз калимаҳои «ташкилот ё» калимаҳои «дар назди» илова карда шаванд.

2. Дар сархатҳои якум ва дуюми қисми 2 моддаи 9 ва моддаи 295 калимаи «соҳибони» ба калимаи «моликони» иваз карда шавад.

3. Дар қисми 4 моддаи 12 калимаҳои «розигии тарафҳо» ба калимаҳои «созишномаи тарафҳо, шартномаҳои коллективӣ» иваз карда шаванд.

4. Ба моддаи 17 қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Бе асос рад намудани корфармо аз бастани шартномаи меҳнатӣ бо шахсе, ки аз ҳисоби квота барои бо ҷойи кор таъмин шудан фиристода шудааст, манъ аст.».

5. Дар сархати панҷуми қисми 2 моддаи 18 ва сархати дуюми қисми 1 моддаи 179 калимаҳои «моликияти» ва «моликият» мувофиқан ба калимаҳои «молу мулки» ва «молу мулк» иваз карда шаванд.

6. Дар моддаҳои 26, 27, ном ва матни моддаи 38, моддаҳои 42, 196, номи боби 27, моддаҳои 281-284, ном ва матни моддаи 285, моддаҳои 301, 303, 307, 310, 312 ва 326 калимаҳои «соҳибмулки», «соҳибмулк», «Соҳибмулки», «соҳибмулкро», «СОҲИБМУЛКИ», «соҳибмулкон», «соҳибмулконе» ва «соҳибмулкии» мувофиқан ба калимаҳои «молики», «молик», «Молики», «моликро», «МОЛИКИ», «моликон», «моликоне» ва «моликии» иваз карда шаванд.

7. Дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 51 калимаҳои «сархати сеюми» ва «сархати чоруми» мувофиқан ба калимаҳои «сархати чоруми» ва «сархати панҷуми» иваз карда шаванд.

8. Дар қисми 1 моддаи 127 калимаҳои «таҳсилоти олӣ» ба калимаҳои «таҳсилоти олии касбӣ» иваз карда шаванд.

9. Моддаи $288^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $288^{1}$. Маҳдудиятҳо оид ба машғул шудан бо фаъолияти меҳнатӣ дар самти кор бо ноболиғон**

Барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар самти кор бо ноболиғон қабули шахсони зерин манъ аст, агар:

- ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ҷиноят содир карда бошанд;
- барои содир кардани ҷинояти хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин доғи судӣ дошта бошанд;
- гирифтори бемориҳое бошанд, ки номгӯи онҳо аз тарафи мақомоти ваколатдори соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тасдиқ карда шудаанд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1897**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 289**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 июни соли 2022, № 759**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ РЕКЛАМА»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №8, мод. 457; с. 2007, №6, мод. 432; с. 2008, №10, мод. 824; с. 2011, №12, мод. 843; с. 2012, №4, мод. 262; с. 2014, №11, мод. 672; с. 2015, №3, мод. 224; с. 2017, №7-9, мод. 575, мод. 576; с. 2018, №1, мод. 26) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- қисми чорум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Амали Қонуни мазкур татбиқ намегардад, ба:

- эълонҳои шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд;
- иттилооте, ки тибқи қонун ифшо, паҳн кардан ё расонидани он ба маълумоти истеъмолкунанда ҳатмӣ аст;
- маводи маълумотномавӣ - иттилоотӣ ва таҳлилӣ (шарҳи бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва озмоишӣ), ки пешбурди мол дар бозорро ҳамчун мақсади асосӣ тақозо надоранд ва рекламаи иҷтимоӣ намебошанд;
- хабарҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки маълумоти дорои хусусияти рекламавиро надоранд ва рекламаи иҷтимоӣ намебошанд;
- овеза ва аломатҳое, ки маълумоти хусусияти рекламавиро надоранд;
- ҳама гуна унсурҳои тафсири мол, аз ҷумла иттилоот дар бораи мол, истеҳсолкунанда, воридкунанда ё содиркунандаи он, ки бевосита дар мол ё бастаи мол ҷойгир карда шудаанд;
- ишора ба маҳсулот, воситаҳои фардикунонии он, истеҳсолкунанда ё фурӯшандаи маҳсулот, ки дар асарҳои илмӣ, адабиёт ва санъат тавсиф ёфтаанд ва худ аз худ иттилооти хусусияти рекламавӣ надоранд.».

2. Ба моддаи 2:

- сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- фаъолияти рекламавӣ - маҷмӯи амалҳои рекламадиҳандагон, истеҳсолкунандагон ва паҳнкунандагони реклама барои ҷалби таваҷҷӯҳи истеъмолкунандагони реклама ба объекти рекламашаванда;»;

- ба сархати ёздаҳум баъд аз калимаҳои «солим, ҳифзи» калимаҳои «ҳаёт ва» илова карда шаванд.

3. Ба моддаи 5 қисми ёздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ҷой додани реклама дар варақаи дорухат (ретсепт) манъ аст.».

4. Ба қисми панҷуми моддаи 13 баъд аз калимаи «сӯхторнишонӣ» калимаҳои «ва садамавию наҷотдиҳӣ» илова карда шаванд.

5. Моддаи $14^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $14^{1}$. Хусусиятҳои рекламаи молҳо бо усули фурӯши фосилавӣ**

Дар рекламаи молҳо бо усули фурӯши фосилавӣ бояд маълумоти зерин дарҷ карда шаванд:

- ном, маҳали ҷойгиршавӣ ва рақами ягонаи мушаххаси шахси ҳуқуқӣ;
- насаб, ном, номи падар, рақами ягонаи мушаххаси соҳибкори инфиродӣ.».

6. Ба моддаи 16 баъд аз калима ва аломати «давлатӣ,» калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои тандурустӣ ва» илова карда шаванд.

7. Дар қисми якуми моддаи 17 калимаҳои «тамоку ва маҳсулоти тамоку», «ва прекурсорҳо» мувофиқан ба калимаҳои «тамоку, маҳсулоти тамоку, сигори электронӣ ва дигар воситаҳои электронии таъмини никотин» ва «,прекурсорҳо ва ҳаммонанди онҳо» иваз карда шаванд.

8. Ба матни моддаи 22 баъд аз калимаҳои «воридшавандаро» ва «рекламаи охирин» мувофиқан аломат ва калимаҳои «, ба истисноии рекламаи дар интернет ҷойгиршуда (паҳншуда), инчунин шартномаҳо оид ба истеҳсол, ҷойгир ва паҳнкунии рекламаро» ва «ё аз рӯзи ба охир расидани мӯҳлати амали чунин шартномаҳо» илова карда шаванд.

9. Ба қисми дуюми моддаи 26 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Агар рекламадиҳанда мӯҳлати амали рекламаи офертаи оммавӣ эътирофшударо нишон надода бошад, чунин оферта дар муддати ду моҳ аз рӯзи паҳнкунии реклама эътибор дорад.».

10. Дар қисми дуюми моддаи 27:

- ба сархати якум баъд аз калимаҳои «истеъмолкунандагони реклама» аломат ва калимаҳои «, инчунин ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи реклама» илова карда шаванд;
- сархати ҳафтум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- дар доираи ваколатҳои худ тибқи асосҳо ва тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи рекламаро баррасӣ менамояд;».

11. Ба қисми якуми моддаи 28 баъд аз калимаҳои «шахсони ҳуқуқӣ» аломат ва калимаҳои «, инчунин рекламадиҳандагон, истеҳсолкунандагон ва паҳнкунандагони реклама» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1914**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 311**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2022, № 785**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, мод. 68, мод. 69, №22, мод. 306; с. 1999, №12, мод. 316; с. 2001, №4, мод. 149, мод. 167; с. 2002, №11, мод. 675, мод. 750; с. 2003, №8, мод. 456, мод. 468; с. 2004, №5, мод. 346, №7, мод. 452, мод. 453; с. 2005, №3, мод. 126, №7, мод. 399, №12, мод. 640; с. 2007, №7, мод. 665; с. 2008, №1, қ. 1, мод. 3, №6, мод. 444, мод. 447, №10, мод. 803, №12, қ. 1, мод. 986, №12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, №3, мод. 80, №7-8, мод. 501; с. 2010, №3, мод. 155, №7, мод. 550; с. 2011, №3, мод. 161, №7-8, мод. 605; с. 2012, №4, мод. 258, №7, мод. 694; с. 2013, №6, мод. 403, мод. 404, №11, мод. 785, №12, мод. 881; с. 2014, №3, мод. 141, №7, қ. 1, мод. 385, мод. 386; с. 2015, №3, мод. 198, мод. 199, №11, мод. 949, №12, қ. 1, мод. 1107; с. 2016, №3, мод. 127, №5, мод. 355, мод. 356, №7, мод. 608, мод. 609, №11, мод. 874, мод. 875; с. 2017, №1-2, мод. 2, мод. 3, №7-9, мод. 586; с. 2018, №1, мод. 4, мод. 5, №5, мод. 266, №7-8, мод. 522; с. 2019, №1, мод. 1, мод.2, №6, мод. 311; с. 2020, №1, мод. 8, мод. 9, №7-9, мод. 607, мод. 623, №12, мод. 904; с. 2021, №4, мод. 196; №12, қ. 2, мод. 683), тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 2) моддаи 23, дар ном ва қисми 1) моддаи 206, дар ном ва қисми 2) моддаи $206^{1}$, дар номи моддаи 224 ва дар қисми 3) моддаи 289 калимаи «заҳролуд» ба калимаи «заҳрнок» иваз карда шавад.

2. Дар моддаи 206:

- аз банди б) қисми 3) калимаҳои «ё заҳролуд» хориҷ карда шаванд;
- эзоҳ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Эзоҳ**: Рӯйхатҳои моддаҳои сахттаъсир ва моддаҳои заҳрнок, инчунин миқдори калони моддаҳои сахттаъсир барои мақсадҳои ҳамин модда ва дигар моддаҳои дахлдори Кодекси мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1895**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 287**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 1 июни соли 2022, № 736**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҶАМЪИЯТИ ДОРОИ МАСЪУЛИЯТИ МАҲДУД»

**Моддаи 1.** Ба қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» аз 10 майи соли 2002 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2002, №4, қ.2, мод.314; с.2008, №10, мод.810; с.2010, №12, қ.1, мод.815) ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба сифати иштирокчии ҷамъият баромад намояд.».

**Моддаи 2**. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1908**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 304**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 1 июни соли 2022, № 734**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲИМОЯИ РАҚОБАТ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 30 майи соли 2017 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №5, қ. 1, мод. 274) тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 22:

- дар қисми 1:
- сархати шашум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- бо тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ дар бораи қатъ намудани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ барои вайрон кардани талаботи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд бо аризаи даъвогӣ муроҷиат намояд;»;

- ба сархати нуздаҳум пас аз калимаҳои «бекор намудани иҷозатномаҳо,» калимаҳои «ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ,» илова карда шаванд;
- сархати бистум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- бо тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ ба суд бо аризаи даъвогӣ дар бораи бекор намудани иҷозатномаҳо ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии ба субъекти хоҷагидор додашуда, ки талаботи қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон кардааст, муроҷиат намояд;»;

- ба сархати якуми қисми 6 пас аз калимаҳои «қарзи имтиёзнок» калимаҳои «ва грантҳо» илова карда шаванд.

2. Ҷумлаи якуми қисми 2 моддаи 29 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Аз рӯзи ба суд барои баррасӣ ворид гардидани шикоят иҷрои фармоиши (қарор ва амрномаи) мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ то санаи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд боздошта мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1912**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 308**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2022, № 779**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ САРФАҶӮӢ ВА САМАРАНОКИИ ЭНЕРГИЯ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» аз 19 сентябри соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №8-9, мод. 651) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- сархати ёздаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«- захираҳои энергетикии дуюмбора** – ҳомили энергия, ки дар намуди партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ ё маҳсулоти ғайриасосӣ дар натиҷаи амалигардонии раванди технологӣ ё истифодаи таҷҳизот ба даст омада, таъиноти функсионалии он ба истеҳсоли намуди дахлдори захираҳои энергетикӣ алоқаманд нест;».

2. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

3. Моддаи $6^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $6^1$. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия**

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия дорои ваколатҳои зерин мебошанд:

- таҳия ва татбиқи барномаҳои маҳаллӣ дар соҳаи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия;
- дастгирии иттилоотии чораҳои сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия;
- ҳамоҳангсозии фаъолият дар самти иҷрои тадбирҳо оид ба сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия;
- мусоидат ба ҷорӣ намудани таҷҳизот, технологияҳо ва маводи каммасраф, аз ҷумла дар доираи татбиқи лоиҳаҳо, иҷрои нишондиҳандаҳои муқарраршуда дар соҳаи сарфаҷӯии энергия, риояи меъёрҳои истеъмоли захираҳои сӯзишворӣ ва энергетикӣ;
- амалӣ намудани ваколатҳои дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.».

4. Дар моддаи 8:

- қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Муайян кардани дараҷаи самаранокии энергетикии мол аз ҷониби истеҳсолкунанда ва воридкунанда амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, ворид намудани маълумот дар бораи дараҷаи самаранокии энергия ба ҳуҷҷатҳои техникии ба мол замимашуда, ба тамғагузории он, дарҷи ин маълумот дар тамғакоғази он бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрии техникӣ сурат мегиранд.»;

- қисми 2 қисми 3 ҳисобида шавад.

5. Ба моддаи 11 қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Хулосаи мусбати экспертизаи давлатии энергетикӣ шарти ҳатмии тасдиқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии сохтмон ва азнавсозии биноҳои истиқоматӣ, иншооти маъмурӣ, объектҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва истеҳсолӣ, аз ҷумла манбаъҳои гармӣ ва барқ, мебошад. Дар баробари ин, барои сохтан ва ба истифода додани иншоот, аз ҷумла пас аз азнавсозӣ, навкунӣ ва (ё) таъмири асосӣ, ки ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва регламентҳои техникӣ оид ба сарфаҷӯии энергия ҷавобгӯ нестанд, набояд иҷозат дода шавад.».

6. Қисми 3 моддаи 12 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Барои гузаронидани таҳқиқоти энергетикӣ танҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ҷавобгӯи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ҳуқуқ доранд.».

7. Дар моддаи 16:

- дар номи модда калимаҳои «эҳтиёҷот тибқи супоришоти давлатӣ» ба калимаҳои «фармоиш барои эҳтиёҷоти давлатӣ» иваз карда шаванд;
- дар қисмҳои 1, 2 ва ҷумлаи якуми қисми 4 калимаи «супоришҳои» ба калимаҳои «фармоишҳо барои» иваз карда шавад;
- ба қисми 3 пас аз калимаи «хизматрасониҳои» калимаи «барои» илова карда шавад;
-дар қисми 4:
-дар сархати якум калимаҳои «супоришҳои эҳтиёҷоти давлатии молҳо, корҳо ва хизматрасонҳо» ба калимаҳои «фармоишҳо дар бораи молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ» иваз карда шаванд;
- дар сархати дуюм калимаҳои «супоришҳои молрасониҳо, корҳо ва хизматрасониҳои» ба калимаҳои «фармоишҳо дар бораи молрасониҳо, корҳо ва хизматрасониҳо барои» иваз карда шаванд.

8. Ба қисми 1 моддаи 17 сархати ҳаштум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- мусоидат ба афзоиши ҳолатҳои истифодаи захираҳои энергетикии дуюмбора ва (ё) манбаъҳои барқароршавандаи энергия, инчунин афзоиши шумораи объектҳои онҳоро истифодабаранда;».

9. Дар қисми 2 моддаи 19 калимаҳои «дар бораи бамеъёргирии техникӣ, талаботи техникии риояашон ҳатмии бо» ба калимаҳои «дар бораи бамеъёрдарории техникӣ, талаботи техникии риояашон ҳатмии бо сифат ва» иваз карда шаванд.

10. Дар қисмҳои 2 ва 4 моддаи 21 калимаҳои «метрология» ва «метрологияро» мувофиқан ба калимаҳои «метрологӣ» ва «метрологиро» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1911**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 307**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 июни соли 2022, № 769**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИСТИФОДАИ МАНБАЪҲОИ БАРҚАРОРШАВАНДАИ ЭНЕРГИЯ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» аз 12 январи соли 2010 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №1, мод. 11; с. 2015, №11, мод. 975) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Муқаддимаи Қонун дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии сарфаҷӯии энергия, кам кардани таъсири номатлуби энергия ба ҳифзи муҳити зист ва иқлим, истифодаи самараноки манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ваколатҳои мақомоти давлатӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар соҳаи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия муайян менамояд.».

2. Дар моддаи 1:

- сархати якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- манбаъҳои барқароршавандаи энергия - манбаъҳои ҳамеша мавҷудбуда ё давра ба давра дар муҳити зист бо таъсири шуъои офтоб, бод, об (обанборҳои табиӣ ва сунъӣ), обҳои гарми зеризаминӣ, чӯб ва биомасса ҳосилшаванда, ки ба намудҳои сӯзишвории истихроҷӣ дохил намешаванд;»;

- дар сархати сеюм калимаҳои «захираҳои барқароршаванда» ба калимаҳои «манбаъҳои барқароршаванда» иваз карда шаванд;
- ба сархати панҷум пас аз калимаҳои «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки» калимаи «энергияро» илова карда шавад;
- сархати ёздаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- операторони шабакаи энергетикӣ - шахсони ҳуқуқие, ки ба хизматрасонӣ оид ба истеҳсол, интиқол ва тақсими энергия машғул мебошанд;».

3. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

4. Дар қисми 1 моддаи 9 калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.

5. Дар сархати ҳафтуми қисми 2 моддаи 14 калимаҳои «бо захираҳои манбаъҳои энергия» ба калимаҳои «ба захираҳои ин манбаъҳои энергия» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1910**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 306**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 1 июни соли 2022, № 740**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ЭНЕРГЕТИКА»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» аз 29 ноябри соли 2000 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2000, №11, мод. 504; с. 2005, №12, мод. 633; с. 2007, №6, мод. 436, №7, мод. 672; с. 2009, №9-10, мод. 549; с. 2011, №6, мод. 440; с. 2013, №7, мод. 526, №12, мод. 898) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 2 сархати ёздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика - мақомоти давлатӣ, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи энергетика амалӣ менамоянд;».

2. Аз матни моддаи 3 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

**3**. Моддаи $5^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $5^1$. Самтҳои дастгирии давлатӣ дар соҳаи энергетика**

Дастгирии давлатӣ дар соҳаи энергетика дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- мусоидат ба ҷалби сармоягузорӣ;
- мусоидат ба тарҳрезӣ ва истифодаи технологияҳои муосир;
- маблағгузории барномаҳои мақсадноки давлатӣ;
- мусоидат ба таъмини фаъолияти иттилоотӣ;
- мусоидат барои ташкил ва иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию технологӣ;
- самтҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.».

4. Ба ном ва матни моддаи 6 пас аз калимаи «дар» калимаи «соҳаи» илова карда шавад.

5. Дар қисми сеюми моддаи 15 калимаҳои «мақоми ваколатдор» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатии зиддиинҳисорӣ» иваз карда шаванд.

6. Моддаҳои $18^1$ ва $18^2$ бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

**«Моддаи $18^1$. Барномаҳои мақсадноки давлатӣ дар соҳаи энергетика**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои мақсадноки давлатиро дар соҳаи энергетика тасдиқ менамояд.

Барномаҳои мақсадноки давлатӣ дар соҳаи энергетика мутобиқ ба афзалиятҳои дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика таҳия ва татбиқ карда мешаванд.

**Моддаи $18^2$. Таъминоти илмию техникӣ дар соҳаи энергетика**

Таъминоти илмию техникӣ дар соҳаи энергетика дар доираи барномаҳои давлатӣ, соҳавӣ ва амалии илмию таҳқиқотӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ ва лоиҳаҳо оид ба иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию технологӣ, ки маблағгузории онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мегардад, ба амал бароварда мешавад.».

**7**. Моддаи $19^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $19^1$. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи энергетика**

Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи энергетика тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, ба роҳ монда мешавад.

Самтҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи энергетика аз инҳо иборатанд:

- мубодилаи тарафайн бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва хориҷӣ оид ба дастовардҳои илмию технологӣ;
- иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалии энергетикӣ;
- мубодилаи таҷриба оид ба истифодаи самараноки манбаъҳои барқароршавандаи энергия;
- таълим ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи энергетика дар асоси шартномаҳои ҳамкорӣ;
- ташкил ва иштирок дар конфронсҳои байналмилалӣ, симпозиумҳо ва семинарҳо.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1909**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 305**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 1 июни соли 2022, № 738**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ГУМРУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2004, №12, қ. 2, мод. 703, мод. 704; с. 2006, №3, мод. 159; с. 2007, №7, мод. 681; с. 2008, №6, мод. 459, №10, мод. 818; с. 2011, №3, мод. 160, №6, мод. 458; с. 2012, №4, мод. 250, №7, мод. 695, мод. 724, №8, мод. 818, №12, қ. 1, мод. 1000; с. 2013, №12, мод. 879; с. 2015, №3, мод. 211; с. 2016, №3, мод. 151, №7, мод. 625, №11, мод. 882; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 278, мод. 279; с. 2018, №2, мод. 68, №7-8, мод. 528; с. 2019, №4, мод. 228, №6, мод. 323; с. 2020, №1, мод. 24, №12, мод. 920; с. 2021, №1-2, мод. 18; с. 2022, №1-3, мод. 19), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар матни Кодекс калимаҳои «Реестри», «реестрҳо», «Реестрҳои», «реестри», «реестр», «реестрҳои», «Реестр» ва «реестрро» мувофиқан ба калимаҳои «Феҳристи», «феҳристҳо», «Феҳристҳои», «феҳристи», «феҳрист», «феҳристҳои» «Феҳрист» ва «феҳристро» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 2:

- дар қисми 2 калимаҳои «минтақаи гумрукии» ба калимаҳои «ҳудуди гумрукии» иваз карда шаванд;
- аз қисми 4 калимаи «ҳудуди» хориҷ карда шавад.

3. Қисми 1 моддаи 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Амали санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ нисбати муносибатҳое, ки то ҷорӣ намудани онҳо ба миён омадаанд, татбиқ намегардад, ба истисноии ҳолатҳое, ки агар дар худи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба мавриди амал қарор додани онҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.».

4. Ба матни моддаи 7 баъд аз калимаҳои «Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «ва ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон» илова карда шаванд.

5. Дар моддаи 9:

- дар қисми 2 калимаҳои «тартиби бо» ба калимаҳои «тартиби байни» иваз карда шаванд;
- ба қисми 5 баъд аз калимаи «мақомоти» калимаҳои «таҳқиқ ва» илова карда шаванд.

6. Дар матни моддаи 23 калимаҳои «санади ҳуқуқии», «санадҳои ҳуқуқӣ» ва «санадҳои ҳуқуқиеро» мувофиқан ба калимаҳои «санади меъёрии ҳуқуқии», «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро» иваз карда шаванд.

7. Қисми 2 моддаи 37 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Нисбати моли дар банди 1) қисми 1 моддаи мазкур зикршуда низоми имтиёзнок ё низоми нисбатан мусоидаткунандаи миллӣ ба шарте татбиқ (барқарор) карда мешавад, ки агар кишвари истеҳсолкардаи моли мазкур дар муддати то як сол аз рӯзи аз ҷониби мақоми гумрук қабул намудани декларатсияи гумрукӣ тасдиқ шавад. Дар ин ҳолат маблағи боҷҳои гумрукӣ ва андозҳои пардохтшуда мувофиқи моддаи 397 ҳамин Кодекс баргардонида мешаванд.».

8. Дар қисми 2 моддаи 42, қисми 2 моддаи 44, қисми 1 моддаи 50, матни моддаи 55 ва қисми 1 моддаи 56 калимаҳои «аризадиҳанда» ва «аризадиҳандаро» мувофиқан ба калимаҳои «муроҷиаткунанда» ва «муроҷиаткунандаро» иваз карда шаванд.

9. Дар моддаи 48:

- муқаддимаи қисми модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Шикоят нисбати қарор, амали (беамалии) мақоми гумрук ё шахси мансабдори он метавонад дар муҳлати як моҳ дар ҳолатҳои зерин пешниҳод карда шавад:»;

- қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Шикоят нисбати қарор оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ метавонад дар мӯҳлати даҳ шабонарӯз аз лаҳзаи супорида шудани нусхаи қарор ё гирифтани он пешниҳод карда шавад ва бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.».

10. Дар қисмҳои 1 ва 4 моддаи 131, қисми 2 моддаи 366 калимаҳои «Декларатсияи бори гумрукӣ», «декларатсияи бори гумрукиро», «декларатсияи бори гумрукӣ» ва «декларатсияҳои бори гумрукӣ» мувофиқан ба калимаҳои «Декларатсияи гумрукии бор», «декларатсияи гумрукии борро», «декларатсияи гумрукии бор» ва «декларатсияҳои гумрукии бор» иваз карда шаванд.

11. Дар моддаи 462:

- банди 13) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«13) чораҳои заруриро ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон меандешанд ва бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили хавфҳои коррупсиониро дар мақомоти гумрук мегузаронанд.»;

- банди 20) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«20) муқовимат ба экстремизмро ба воситаи пешгирии ҳолатҳои аз сарҳади гумрукӣ интиқол додани маводи экстремистии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонанд;»;

- банди 20) банди 21) ҳисобида шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1906**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, №302**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 июни соли 2022, № 754**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАОРИФ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 532; с. 2014, №3, мод.156, №7, қ. 2, мод. 422; с. 2016, №3, мод. 148, №7, мод. 624; с. 2017, №7-9, мод. 581; с. 2018, №5, мод. 278; с. 2020, №12, мод. 912; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 706) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- дар сархати бисту чорум калимаи «офияти» ба калимаи «тавонбахшии» иваз карда шавад;
- дар сархати бисту панҷум калимаҳои «муассисаҳои томактабӣ» ба калимаҳои «муассисаҳои таълимии томактабӣ» иваз карда шаванд;
- ба сархати чилум пеш аз калимаи «томактабӣ» калимаи «таълимии» илова карда шавад.

2. Ба сархати сеюми моддаи 5 пас аз калимаҳои «идоракунии давлатӣ» аломат ва калимаҳои «, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» илова карда шаванд.

3. Ба қисми 2 моддаи 6 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Гирифтани таҳсилоти ройгон дар муассисаҳои таълимии ғайридавлатии таҳсилоти касбӣ метавонад тибқи оинномаи муассиса ё қарори муассиси (муассисони) онҳо сурат гирад.».

4. Дар қисми 8 моддаи 11, сархати сеюми моддаи 35, сархати ҳафтуми моддаи 36, сархати якуми моддаи 37, қисми 3 моддаи 39, қисми 9 моддаи 55 ва қисми 4 моддаи 64 калимаҳои «Муассисаҳои томактабӣ», «муассисаҳои томактабӣ» ба калимаҳои «Муассисаҳои таълимии томактабӣ» ва «муассисаҳои таълимии томактабӣ» иваз карда шаванд.

5. Ба моддаи 12 қисми 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«5. Муассисаҳои таълимӣ фаъолияти худро тибқи тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, оинномаи муассиса ва қарори муассис (муассисон) амалӣ менамоянд.».

6. Дар моддаи 13:

- сархати якуми қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:
- «- мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;»;
- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Субъектони дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда метавонанд муассисаи таълимии муштарак таъсис диҳанд.».

7. Дар моддаи 14:

- дар қисми 1:
- аз сархати чорум калимаҳои «маълумот оид ба» хориҷ карда шаванд;
- дар сархати ҳаштум пас аз калимаи «ташаккули» калимаи «моликият» ба калимаҳои «молу мулк» иваз карда шавад;
- дар сархати ёздаҳум аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;
- сархати дувоздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шавад:
- «- дигар маълумотеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст;»;
- аз қисми 3 калимаҳои «муассиса таҳия намуда, онро» хориҷ карда шаванд.

8. Дар моддаи 15:

- дар қисмҳои 2, 3, 4, 5 ва 6 пас аз калимаи «муассисаҳои» калимаи «таълимии» илова карда шавад;
- дар қисми 4 калимаи «модар» ба калимаи «модари» иваз карда шуда, пеш аз калимаҳои «тибқи қонунгузории» калимаи «тарбиягирандагон» илова карда шавад.

9. Дар қисми 18 моддаи 16 пас аз калимаи «Тайёрии» калимаи «ибтидоии» илова карда шавад.

10. Ба қисми 3 моддаи 17 пас аз калимаҳои «таҳсилоти касбӣ» калимаҳои «ва марказҳои таълимии калонсолон» илова карда шаванд.

11. Дар моддаи 19:

- ба қисми 1 ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Тартиби қабул ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, доираи (категорияи) шаҳрвандоне, ки барои қабул шудан ба муассисаҳои мазкур имтиёз доранд, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.»;

- қисми 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Таҳсили шаҳрвандон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии давлатӣ мувофиқи фармоиши давлатӣ ройгон мебошад. Таҳсили шаҳрвандон дар муассисаҳои мазкур илова ба фармоиши давлатӣ пулакӣ аст.».

12. Қисми 9 моддаи 21 хориҷ карда шавад.

13. Дар қисмҳои 1, 3 ва 6 моддаи 22 калимаи «офияти» ба калимаи «тавонбахшии» иваз карда шавад.

14. Ба қисми 4 моддаи 24 пас аз калимаҳои «мутахассисони ҷавон» калимаҳои «, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ё тибқи фармоиши давлатӣ муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбиро хатм кардаанд,» илова карда шаванд.

15. Ба қисми 9 моддаи 25 пас аз калимаи «новобаста» аломат ва калимаҳои «, ба истисноии ҳолатҳое, ки санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст,» илова карда шаванд.

16. Аз моддаи 31 қисмҳои 3 ва 4 хориҷ карда шаванд.

17. Ба сархати ёздаҳуми моддаи 32 пас аз калимаи «шакли» калимаҳои «фосилавӣ ва» илова карда шаванд.

18. Дар моддаи 33:

- дар сархати шонздаҳум калимаи «аввал» ба калимаи «якум» иваз карда шавад;
- ба сархати бисту якум пас аз калимаҳои «ба муассисаҳои» ва «таълимӣ» мувофиқан калимаҳои «таълимии» ва «, Кодекси одоби корманди соҳаи маориф, намуна ва қоидаҳои пӯшидани сарулибоси расмии хонандагон, донишҷӯён, шунавандагон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, ба истисноии муассисаҳои таълимии тобеи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳое, ки дар онҳо хизмати ҳарбӣ пешбинӣ шудааст» илова карда шаванд;

19. Дар қисми 2 моддаи 38:

- дар сархати даҳум калимаҳои «молиявию пулӣ» ба калимаҳои «моддӣ-техникӣ ва молиявӣ» иваз карда шаванд;
- сархати бисту якум хориҷ карда шавад.

20. Аз қисми 8 моддаи 44 калимаҳои «таълим ва» хориҷ карда шаванд.

21. Дар қисми 2 моддаи 46:

- дар сархати чорум аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;
- сархати панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад;
- «- талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро риоя ва иҷро намоянд.».

22. Ба сархати якуми моддаи 47 пас аз калимаҳои «касби омӯзгорӣ» калимаҳои «ва одоби омӯзгор» илова карда шаванд.

23. Ба моддаи 48 қисми 9 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«9. Шахсоне, ки барои содир кардани ҷиноят нисбат ба ноболиғон якумра аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян маҳрум шудаанд, ба муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ ба кор қабул карда намешаванд.».

24. Дар сархати чоруми моддаи 49 калимаҳои «аломатҳои ҷинсӣ, мансубияти этникӣ» ба калимаҳои «мансубияти ҷинсӣ, этникӣ» иваз карда шаванд.

25. Сархати якуми қисми 1 моддаи 53 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъхир гузоштани мӯҳлати даъват ба хизмати ҳарбӣ;».

26. Дар қисми 4 моддаи 54 калимаи «лабораторӣ» ба калимаи «озмоишӣ» иваз карда шавад.

27. Аз қисми 3 моддаи 66 калимаҳои «бо ҳуқуқи моликият ба онҳо тааллуқ доранд ё» хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1905**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 300**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2022, № 781**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФОНДҲОИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ НАФАҚА»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» аз 28 декабри соли 2005 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №12, мод. 661; с. 2011, №6, мод. 448; с. 2014, №11, мод. 671) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми дуюми моддаи 1 калимаи «системаи» ба калимаи «низоми» иваз карда шавад.

2. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.

3. Дар қисми дуюми моддаи 4 калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.

4. Дар сархати сеюми қисми якуми моддаи 11 калимаҳои «ва маблағгузории терроризм» ба аломат ва калимаҳои «, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» иваз карда шаванд.

5. Дар моддаи 12:

- дар қисми якум калимаҳои «меъёрии ҳуқуқӣ» ба калимаҳои «меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;
- дар сархати сеюми қисми сеюм калимаҳои «ба мерос васият намоянд ё ба дигар кас диҳанд» ба калимаҳои «васият намоянд» иваз карда шаванд;
- дар сархати панҷуми қисми сеюм калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад.

6. Дар қисми сеюми моддаи 13 калимаҳои «ва маблағгузории терроризм» ба аломат ва калимаҳои «, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» иваз карда шаванд.

7. Дар қисми якуми моддаи 29 калимаҳои «Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъминоти нафақа» иваз карда шаванд.

8. Моддаи 34 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 34. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1904**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 299**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 июни соли 2022, № 767**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҶАМЪИЯТҲОИ САҲОМӢ»

**Моддаи 1.** Ба қисми 1 моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №3, мод.170; с.2008, №10, мод.812; с.2009, №5, мод.318, №7-8, мод.496; с.2010, №1, мод.9, №12, қ.1, мод.816; с.2011, №12, мод.844; с.2016, №11, мод.890) ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба сифати муассиси ҷамъияти саҳомӣ баромад намояд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1907**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 303**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 1 июни соли 2022, № 732**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИР БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ЧАРОГОҲ»

**Моддаи 1.** Дар қисми 2 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» аз 20 июни соли 2019 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2019, №6, мод.320; с.2021, №6, мод.391) калимаҳои «бемӯҳлат ва мӯҳлатнок» ба калимаҳои «бемӯҳлат, мӯҳлатнок ва (ё) якумраи меросӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1903**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 297**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2022, № 777**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, №5, мод. 321, №9-10, мод. 543; с. 2010, №1, мод. 2, мод. 5, №3, мод. 153, №7, мод. 547, №12, қ. 1, мод. 812; с. 2011, №6, мод. 430, мод. 431, №7-8, мод. 610, №12, мод. 838; с. 2012, №4, мод. 256, №7, мод. 685, мод. 693, №8, мод. 814, №12, қ. 1, мод. 1004; с. 2013, №3, мод. 181, №7, мод. 508; с. 2014, №3, мод. 143, мод. 144, №7, қ. 1, мод. 389, мод. 390; с. 2015, №3, мод. 201, №7-9, мод. 707, мод. 708, №11, мод. 955, №12, қ. 1, мод. 1108; с. 2016, №3, мод. 130, мод. 131, мод. 132, №5, мод. 359, мод. 361, №7, мод. 613, мод. 614, №11, мод. 877; с. 2017, №1-2, мод. 5, мод. 6, №5, қ. 1, мод. 275, №7-9, мод. 568, мод. 585; с. 2018, №1, мод. 9, №5, мод. 268, мод. 269; с. 2019, №1, мод. 8, №6, мод. 312, мод. 313, №7, мод. 464; с. 2020, №1, мод. 6, №7-9, мод. 604, мод. 606, мод. 621, №12, мод. 900, мод. 901; с. 2021, №6, мод. 384, мод. 385, №12, қ. 2, мод. 686, мод. 687, мод. 688, мод. 689; с. 2022, №1-3, мод. 12), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 330 қисмҳои 3 ва 4 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«3. Барои идора намудани воситаҳои нақлиёт бо шишаҳои сиёҳу хираи дарҳои паҳлуӣ ва шишаи қафо, ки нургузарониашон ба меъёрҳои муқарраршудаи стандартҳои давлатӣ (ГОСТ) мутобиқат намекунанд, ҳангоми мавҷуд будани иҷозати махсуси мақомоти ваколатдори давлатӣ барои истифодаи воситаҳои нақлиёт бо шишаи сиёҳу хираи қафо ё шишаҳои сиёҳу хираи дарҳои паҳлуии қафо ва шишаи қафо, -

ба андозаи ҳафтод нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

4. Барои идора намудани воситаҳои нақлиёт бо шишаҳои сиёҳу хираи дарҳои паҳлуии қафо ва шишаи қафо, ки нургузарониашон ба меъёрҳои муқарраршудаи стандартҳои давлатӣ (ГОСТ) мутобиқат намекунанд, ҳангоми мавҷуд будани иҷозати махсуси мақомоти ваколатдори давлатӣ барои истифодаи воситаҳои нақлиёт бо шишаи сиёҳу хираи қафо, -

ба андозаи ҳафтод нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.»;

- қисми 3 қисми 5 ҳисобида шавад.

2. Ба моддаи 336 қисмҳои 4, 5 ва 6 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«4. Барои аз тарафи ронанда бе категорияи мувофиқ идора кардани воситаи нақлиёт, -

ба андозаи аз панҷоҳ то ҳафтод нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

5. Барои ба шахсе, ки ҳуқуқи идоракунии категорияи мувофиқ ба воситаи нақлиётро надорад, вогузоштани идоракунии он, -

ба андозаи аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

6. Барои содир намудани кирдори бо қисми чоруми ҳамин модда пешбинишуда, ки боиси расонидани зарар ба воситаҳои нақлиёт, бор, роҳ, иншооти роҳ ва дигар иншоот ё дигар молу мулк гаштааст, -

ба андозаи яксаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1901**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 293**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 22 июни соли 2022, № 775**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 4, мод. 5; с. 2011, №12, мод. 840; с. 2012, №7, мод. 719; с. 2013, №3, мод. 180; с. 2015, №11, мод. 954; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 277; с. 2018, №1, мод. 7, №8, мод. 523; с. 2019, №1, мод. 7, с. 2020, №4-5, мод. 235, №12, мод. 905; с. 2022, №1-3, мод. 8), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 39:

- дар сархати чорум калима ва аломати «прокурор,» хориҷ карда шуда, аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

- сархати панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- прокурор.».

2. Дар моддаи 51:

- дар қисмҳои 2 ва 3 калимаи «муроҷиатномаро» ба калимаи «муроҷиатро» иваз карда шавад;

- қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«6. Иштироки прокурор дар баррасии парвандаҳо оид ба баҳсҳои вобаста ба замин ва манзил, новобаста аз пешниҳоди муроҷиат ба суд, ҳатмӣ мебошад.»;

- қисми 6 мувофиқан қисми 7 ҳисобида шуда, дар он калима ва рақами «қисми 1» ба калима ва рақамҳои «қисмҳои 1 ва 6» иваз карда шаванд;

- қисми 8 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«8. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо, сарфи назар аз иштирок дар мурофиаи судӣ, дар доираи ваколатҳои худ метавонанд парванда ё гурӯҳи парвандаҳоро, ки бо онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, бо мақсади таҳлил ва ҷамъбасти фаъолият дар самти таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз суди иқтисодии дахлдор талаб карда гиранд. Дар сурати муқаррар намудани он, ки санади судӣ ғайриқонунӣ ё беасос аст, прокурор тадбирҳои дахлдорро бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур амалӣ менамояд.».

3. Дар қисми 2 моддаи 52 калимаи «муроҷиатнома» ба калимаи «муроҷиат» иваз карда шавад.

4. Ба қисми 1 моддаи 193 пас аз калимаҳо ва аломати «(минбаъд мақомоти назоратӣ),» калимаҳо ва аломати «инчунин прокурор,» илова карда шаванд.

5. Дар моддаи 236:

- ном ва қисми 1 модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 236. Ҳуқуқи пешниҳоди шикоят ва эътирози кассатсионӣ**

1. Шахсони иштирокчии парванда, инчунин дигар шахсон дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур метавонанд аз ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонакардаи суди иқтисодии марҳилаи якум бо тартиби кассатсионӣ шикоят ва прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо, сарфи назар аз иштирокашон дар баррасии парванда, инчунин прокурори иштирокчии парванда дар доираи ваколат эътироз намоянд.»;

- дар қисмҳои 2, 3 ва 4 калимаҳои «Шикояти» ва «шикояти» мувофиқан ба калимаҳои «Шикоят ва эътирози» ва «шикоят ва эътирози» иваз карда шаванд.

6. Дар моддаи 237, ном ва матни моддаҳои 238, 242, 247, $250^3$ ва 251 калимаҳои «Шикояти», «шикояти», «шикояте» ва «шикоятро» мувофиқан ба калимаҳои «Шикоят ва эътирози», «шикоят ва эътирози», «шикоят ва эътирозе» ва «шикоят ва эътирозро» иваз карда шаванд.

7. Дар моддаи 239:

- дар ном ва матни модда калимаҳои «Шикояти» ва «шикояти» мувофиқан ба калимаҳои «Шикоят ва эътирози» ва «шикоят ва эътирози» иваз карда шаванд;

- сархати чоруми қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- талаби шахси шикоят ва прокурори эътирозоварда ва асосҳое, ки аз рӯи онҳо ҳалнома бо истинод ба қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳолатҳои парванда ва далелҳои дар парванда мавҷудбуда мавриди шикоят ва эътироз қарор дода шудааст;»;

- дар сархати панҷуми қисми 2 ва қисми 4 калимаи «шикоят» ба калимаҳои «шикоят ва эътироз» иваз карда шавад.

8. Дар моддаи 240:

- дар номи модда, қисмҳои 1 ва 3 калимаҳои «шикояти», «шикоятро» ва «Шикояти» мувофиқан ба калимаҳои «шикоят ва эътирози», «шикоят ва эътирозро» ва «Шикоят ва эътирози» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаҳои «қабули шикояти» ба калимаҳои «қабули шикоят ва эътирози» иваз карда шаванд.

9. Дар моддаи 241:

- дар ном ва матни модда калимаи «шикояти» ба калимаҳои «шикоят ва эътирози» иваз карда шавад;

- ба қисми 1 пас аз калимаи «шикоят» калимаҳои «ва эътироз» илова карда шаванд.

10. Дар моддаи 243:

- дар ном ва матни модда калимаи «шикояти» ба калимаҳои «шикоят ва эътирози» иваз карда шавад;

- ба сархати чоруми қисми 1 ва қисми 4 пас аз калимаи «шикоят» калимаҳои «ё эътироз» илова карда шаванд.

11. Дар моддаи 244:

- номи модда ва қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«**Моддаи 244. Қатъ намудани истеҳсолоти кассатсионӣ**

1. Истеҳсолоти кассатсионӣ дар он ҳолат қатъ карда мешавад, ки агар баъди ба истеҳсолоти суд қабул гардидани шикоят ё эътирози кассатсионӣ, дархост оид ба даст кашидан аз шикоят ё эътироз ба суд дохил шавад ва ин дасткашӣ тибқи муқаррароти моддаи 48 Кодекси мазкур аз тарафи суд қабул карда шавад.»;

- дар қисми 2 калимаҳои «шикояти кассатсионӣ» ва «истеҳсолоти шикояти кассатсиониро» мувофиқан ба калимаҳои «шикоят ё эътирози кассатсионӣ» ва «истеҳсолоти кассатсиониро» иваз карда шаванд;

- дар қисмҳои 3 ва 4 калимаҳои «истеҳсолоти шикояти кассатсионӣ» ва «шикояти кассатсионӣ» мувофиқан ба калимаҳои «истеҳсолоти кассатсионӣ» ва «шикоят ё эътирози кассатсионӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 5 калимаҳои «истеҳсолоти шикояти кассатсионӣ» ва «шикояти кассатсионӣ» мувофиқан ба калимаҳои «истеҳсолоти кассатсионӣ» ва «шикоят ё эътирози кассатсионӣ» иваз карда шаванд.

12. Дар ном ва матни моддаи 246 калимаҳои «шикояти» ва «шикоят» мувофиқан ба калимаҳои «шикоят ва эътирози» ва «шикоят ё эътироз» иваз карда шаванд.

13. Дар қисми 1 моддаи 248 калимаҳои «шикояти», «шикоятро» ва «шикоят» мувофиқан ба калимаҳои «шикоят ва эътирози», «шикоят ё эътирозро» ва «шикоят ё эътироз» иваз карда шаванд.

14. Дар моддаи 250 калимаҳои «шикояти», «шикоятро» ва «шикоят» мувофиқан ба калимаҳои «шикоят ё эътирози», «шикоят ё эътирозро» ва «шикоят ё эътироз» иваз карда шаванд.

15. Ба қисми 1 моддаи 270 пас аз калимаҳои «Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аломат ва калимаҳои «, муовини якум ва муовинони ӯ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо» илова карда шуда, калимаҳо ва рақами «доир ба парвандаҳои дар моддаи 51 Кодекси мазкур пешбинигардида» хориҷ карда шаванд.

16. Матни моддаи 273 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Шикояти назоратии пешниҳодшуда бо супориши Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовини ӯ ба баррасии судяи ҳамин суд супорида мешавад.

2. Эътирози назоратии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита аз ҷониби суди марҳилаи назоратӣ дар асоси дастҷамъона баррасӣ карда мешавад.».

17. Ҷумлаи сеюми қисми 1 моддаи 280 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Агар прокурор ҳамчун шахси иштироккунандаи парванда бошад ё бо тартиби назоратӣ эътироз пешниҳод карда бошад, дар маҷлиси судӣ иштирок мекунад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад..

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1899**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 291**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 июни соли 2022, № 765**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ЗАМИНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №23, мод. 351; с. 1997, №23-24, фасли IV, мод. 333; с. 1999, №5, мод. 59; с. 2001, №4, мод. 176; с. 2004, №2, мод. 55, №3, мод. 190; с. 2006, №7, мод. 347; с. 2008, №1, қ. 2, мод. 22, №6, мод. 463; с. 2011, №3, мод. 171; с. 2012, №4, мод. 269, №8, мод. 828; с. 2016, №11, мод. 879; с. 2021, №12, қ. 2, мод. 697, мод. 698, мод. 699), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба қисми сеюми моддаи 2 пас аз калимаҳои «муқаррар намудааст,» калимаҳои «ба даст оваранд ва» илова карда шаванд.

2. Ба қисми сеюми моддаи 41 пеш аз калимаҳои «он ва» калимаҳои «ҳуқуқи истифодабарии» илова карда шаванд.

3. Дар номи боби 7 калимаҳои «ҳуқуқ оид ба замин» ба калимаҳои «ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 46:

- дар ном ва матни модда калимаҳои «ҳуқуқ оид ба замин» ва «ҳуқуқи оид ба замин» ба калимаҳои «ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин» иваз карда шаванд;

- дар қисми якум калимаи «шаҳрвандӣ» ба калимаи «гражданӣ» иваз карда шавад.

5. Дар ном ва матни моддаи 49 калимаҳои «ҳуқуқ ба» ба калимаҳои «ҳуқуқи истифодабарии» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1902**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 296**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 июни соли 2022, № 752**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, мод. 68, мод. 69, №22, мод. 306; с. 1999, №12, мод. 316; с. 2001, №4, мод. 149, мод. 167; с. 2002, №11, мод. 675, мод. 750; с. 2003, №8, мод. 456, мод. 468; с. 2004, №5, мод. 346, №7, мод. 452, мод. 453; с. 2005, №3, мод. 126, №7, мод. 399, №12, мод. 640; с. 2007, №7, мод. 665; с. 2008, №1, қ. 1, мод. 3, №6, мод. 444, мод. 447, №10, мод. 803, №12, қ. 1, мод. 986, №12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, №3, мод. 80, №7-8, мод. 501; с. 2010, №3, мод. 155, №7, мод. 550; с. 2011, №3, мод. 161, №7-8, мод. 605; с. 2012, №4, мод. 258, №7, мод. 694; с. 2013, №6, мод. 403, мод. 404, №11, мод. 785, №12, мод. 881; с. 2014, №3, мод. 141, №7, қ. 1, мод. 385, мод. 386; с. 2015, №3, мод. 198, мод. 199, №11, мод. 949, №12, қ. 1, мод. 1107; с. 2016, №3, мод. 127, №5, мод. 355, мод. 356, №7, мод. 608, мод. 609, №11, мод. 874, мод. 875; с. 2017, №1-2, мод. 2, мод. 3, №7-9, мод. 586; с. 2018, №1, мод. 4, мод. 5, №5, мод. 266, №7-8, мод. 522; с. 2019, №1, мод. 1, мод. 2, №6, мод. 311; с. 2020, №1, мод. 8, мод. 9, №7-9, мод. 607, мод. 623, №12, мод. 904; с. 2021, №4, мод. 196, №12, қ. 2, мод. 683), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 47:

- банди в) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«в) якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян;»;

- бандҳои в), г), д), е), ж), з), и), к), л) ва м) мувофиқан бандҳои г), д), е), ж), з), и), к), л), м) ва н) ҳисобида шаванд.

2. Ба қисми 2) моддаи 48 пас аз калимаҳои «фаъолияти муайян» аломат ва калимаҳои «, якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян,» илова карда шаванд.

3. Моддаи $50^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Моддаи $50^1$. Якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян**

Якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қисми махсуси Кодекси мазкур татбиқ карда мешавад.».

4. Ба қисми 2) моддаи 71 ҷумлаи сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Шартан татбиқ накардани ҷазо нисбати шахсе, ки барои ҷинояти бо қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) - 4) моддаи 139, моддаҳои 141 - 142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи $142^1$ Кодекси мазкур пешбинишуда ба ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст, татбиқ карда намешавад.».

5. Қисми 6) моддаи 75 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«6) Нисбати шахсоне, ки ҷинояти пешбининамудаи қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) - 4) моддаи 139, моддаҳои 141 – 142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи $142^1$ Кодекси мазкур ё ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият ҷиноят содир кардаанд, мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан татбиқ карда намешавад.».

6. Банди г) қисми 7) моддаи 76 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«г) шахсе, ки барои ҷинояти пешбининамудаи қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) - 4) моддаи 139, моддаҳои 141 - 142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи $142^1$ Кодекси мазкур ё ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият маҳкум карда шудааст.».

7. Қисми 5) моддаи 81 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«5) Нисбати шахсоне, ки барои ҷинояти пешбининамудаи қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) - 4) моддаи 139, моддаҳои 141 - 142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи $142^1$ Кодекси мазкур ё ба муқобили сулҳ ва амнияти башарият маҳкум карда шудаанд, мӯҳлати иҷрои ҳукм татбиқ карда намешавад.».

8. Дар моддаи 138:

- ба санксияи қисми 2) пас аз калимаҳои «дувоздаҳ сол» калимаҳои «бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» илова карда шаванд;

- ба санксияи қисми 3) пас аз калимаҳои «бисту панҷ сол» калимаҳои «бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» илова карда шаванд.

9. Дар моддаи 139:

- санксияи қисми 2) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳафт то дувоздаҳ сол бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ҷазо дода мешавад.»;

- санксияи қисми 3) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз дувоздаҳ то бист сол бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ҷазо дода мешавад.»;

- санксияи қисми 4) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз бист то бисту панҷ сол бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ва ё якумра аз озодӣ маҳрум сохтан ҷазо дода мешавад.».

10. Дар моддаи 141:

- ба санксияи қисми 1) пас аз калимаҳои «панҷ сол» калимаҳои «бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» илова карда шаванд;

- ба диспозитсияи банди в) қисми 2) пас аз калимаҳои «шахси вазифаҳои» калимаҳои «таълимӣ ва» илова ва дар санксияи он калимаҳои «маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он» ба калимаҳои «якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» иваз карда шаванд;

- дар санксияи қисми 3) калимаҳои «маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё бидуни он» ба калимаҳои «якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» иваз карда шаванд.

11. Дар моддаи 142:

- ба санксияи қисми 1) пас аз калимаи «мӯҳлат» калимаҳои «бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» илова карда шаванд;

- ба диспозитсияи банди в) қисми 2) пас аз калимаҳои «шахси вазифаҳои» калимаҳои «таълимӣ ва» илова ва дар санксияи он калимаҳои «маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то се сол ё бидуни он» ба калимаҳои «якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» иваз карда шаванд.

12. Дар моддаи $142^1$:

- дар санксияи қисмҳои 2) ва 3) калимаҳои «маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати то панҷ сол ё бидуни он» ба калимаҳои «якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян» иваз карда шаванд;

- ба модда эзоҳ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**Эзоҳ:** Ҷазои якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба шахсе татбиқ карда мешавад, ки ҷиноятро нисбат ба ноболиғ содир кардааст ва он дар санксияи моддаҳои боби мазкур пешбинӣ шудааст – аз манъ кардани ишғоли мансаб ва ё фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии соҳаҳои маориф, тарбия, инкишофи ноболиғон, ташкил намудани истироҳат ва солимгардонӣ, таъминоти тиббӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ, дар соҳаи варзиши кӯдакону наврасон, фарҳанг ва санъат бо иштироки ноболиғон, инчунин машғул шудан ба чунин фаъолият дар асоси инфиродӣ ё фаъолияти дигаре, ки кор бо ноболиғонро дар бар гирифтааст, иборат аст.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1896**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 288**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 июни соли 2022, № 757**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 қабул карда шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259, №7, мод. 714, №8, мод. 815, №12, қ. 1, мод. 1020, мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510, мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142, №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128, №5, мод. 357, №7, мод. 610, мод. 611; с. 2017, №2, мод. 4; с. 2018, №5, мод. 267; с. 2019, №1, мод. 3; с. 2020, №1, мод. 3, №7-9, мод. 602, мод. 608; с. 2021, №1-2, мод. 5, № 4, мод. 197, №12, қ. 2, мод. 684, мод. 685; с. 2022, №1-3, мод. 4), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар сархати ёздаҳуми қисми 1 моддаи 35 калимаҳои «ташкилотҳои кредитӣ» ба калимаҳои «дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ» иваз карда шаванд.

2. Ба қисми 1 моддаи 168 сархати панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- ба таҳқиқбаранда ва муфаттиш барои ба суд пешниҳод намудани дархост оид ба ҳабси маблағҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар суратҳисобҳо ва пасандозҳо ё дар нигоҳдории бонк ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ қарор доранд, розигӣ диҳад;».

3. Дар моддаи 197:

- матни модда қисми 1 ҳисобида шуда, рақамгузорӣ карда шавад;

- қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Дар ҳолати берун аз ҷумҳурӣ будани шоҳид ё ҷабрдида пурсиш мумкин аст ба таври фосилавӣ бо истифодаи воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва почтаи электронӣ бо тартиб додани протоколи пурсиш ба роҳ монда шуда, бо имзои рақамӣ тасдиқ карда шавад. Муфаттиш метавонад пурсиши фосилавиро бо иштироки шахсони холис гузаронад. Пурсиш бо риояи талаботи моддаҳои 199-203 Кодекси мазкур ва бе тартиб додани протоколи пурсиш анҷом дода мешавад.».

4. Ба ҷумлаи сеюми қисми 5 моддаи 408 пас аз калимаи «Эътирози» калимаҳои «Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 19 июли соли 2022, № 1900**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 59 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 июли соли 2022, № 292**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 июни соли 2022, № 761**

# ОРИФ ХОҶАЗОДА: «ДАР НОҲИЯҲОИ ДУРДАСТ 24 БИНОИ НАВ ЭЪМОР МЕГАРДАД»



**Миёни раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ориф Хоҷазода ва журналистон зимни нишасти матбуотӣ, ки 20 июли соли равон доир шуд, муколамаи самимиву ошкоро сурат гирифт. Зикр шуд, ки фаъолияти ниҳод дар сатҳи хубу сифати баланд роҳандозӣ гардида, заминсозию кадастри замин, назорати давлатии замин, корҳои топографию геодезӣ, харитасозӣ, делимитатсия ва демаркатсияи сарҳад беш аз пеш тавсеа ёфт.**

Зимни посух ба саволи корманди рӯзнома оид ба вайронкунии қонунгузории замин зикр шуд, ки дар асоси амри прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳафт гурӯҳи корӣ таъсис ёфта, дар шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеи марказ худсарона ғасб гардидани 36 гектар замин ошкор шуд.

Раиси кумита аз таваҷҷуҳу ғамхориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, афзуд, ки аз соли 2009 инҷониб бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин намудани эҳтиёҷмандон зиёда аз 30 ҳазор гектар замин ҷудо гардид.

Дар шаш моҳи аввали соли равон 7001 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин ошкор гардида, барои бартараф намудани ҳолатҳои ошкоршуда 6 ҳазору 364 дастур дода шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 323 ҳолат зиёд мебошад.

Нисбат ба 6 ҳазору 148 ҳолат парвандаи маъмурӣ тартиб дода, ба маблағи 3 миллиону 65 ҳазору 644 сомонӣ қарорҳои ҷаримабандӣ қабул карда шуданд, ки аз ин 2 миллиону 330 ҳазору 799 сомонӣ ба суратҳисоби махсус ворид гардид.

Ин равандро муфассал шарҳу тавзеҳ дода, номбурда афзуд, ки баҳри иҷрои стратегияи муқовимат ба коррупсия таваҷҷуҳи хоса зоҳир шуда, дар ҳар маҷлиси назоратии назди роҳбарият масъалаи зикршуда баррасӣ ва корҳои назоративу фаҳмондадиҳӣ вусъат бахшида мешавад.

Ҳамчунин, зикр шуд, ки то 1 июли соли равон шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар миқёси ҷумҳурӣ 193 ҳазору 950 ададро ташкил дод. Аз ин шумора 71 ҳазору 28 адад дар вилояти Суғд, 71 ҳазору 325 адад дар вилояти Хатлон, 16 ҳазору 495 адад дар ВМБК ва 35 ҳазору 102 адад дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Шумораи хоҷагиҳои деҳқоние, ки дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ ташкил гардидаанд, ҳамагӣ 2 ҳазору 689 ададро ташкил медиҳанд.

Доир ба нақшаҳо сухан ронда, Ориф Хоҷазода мужда дод, ки бахшида ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳияҳои дурдаст ва кӯҳистон 24 бинои нави маъмурӣ бунёд мегардад.

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**




# ФАЪОЛИЯТИ БЛОГЕРӢ АЗ ТАРИҚИ ҚОНУН ТАНЗИМ МЕШАВАД

**Яке аз масъалаҳое, ки 20 июли соли равон зимни нишасти матбуотии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз масъулин пурсида шуд, танзими фаъолияти қонунии блогерон ва блогҳо буд.**

**Дар робита ба он, директори марказ Изатулло Саидзода зикр кард: «Мо масъалаи танзими фаъолияти блогерҳоро дар оянда мавриди омӯзишу баррасӣ қарор хоҳем дод».**



Номбурда, ҳамчунин, афзуд, ки масъулини Маркази миллии қонунгузорӣ дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» - ро бо қонуни моделии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» мавриди таҳлили муқоисавӣ ва ҳуқуқӣ қарор дода, таҳқиқоти муқоисавию ҳуқуқии қонунгузорӣ гузаронидаанд.

Бино ба маълумоти Изатулло Саидзода, дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба марказ 75 лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ворид гардиданд. Дар асоси нақшаи кории марказ барои соли 2022-юм 6 санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», «Дар бораи маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо ва роҳпаймоиҳо», «Дар бораи ислоҳоти замин», «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» аз экспертизаи ҳуқуқӣ гузаронида шуданд, ки дар маҷмӯъ 67 пешниҳод рӯи кор омад.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

# СИТОНИДАНИ 20 МИЛЛИОНУ 100 ҲАЗОР СОМОНӢ АЛИМЕНТ



**20 июли соли 2022 нишасти матбуотии Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар нишасти мазкур сарвари ниҳод Барно Саидвализода қайд намуд, ки фаъолияти иҷрочиён пурзӯр карда шуда, бо татбиқи чораҳои маҷбурӣ нишондиҳандаҳо назар ба ҳамин давраи соли гузашта афзуданд.**

Таъкид гардид, ки дар истеҳсолоти иҷрочиёни мақомоти иҷро дар маҷмӯъ 96 ҳазору 409 ҳуҷҷати иҷро вобаста ба ситонидани алимент мавриди иҷрои давравӣ қарор дошта, ҷиҳати иҷрои онҳо дар ин давра зиёда аз 20 миллиону 100 ҳазор сомонӣ алимент ситонида шуд, ки назар ба ҳамин давраи соли сипаришуда 7 миллиону 400 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Бо мақсади ба низом даровардани қарздорӣ ва пешгирӣ аз оқибатҳои номатлуби он ба феҳристи ягонаи қарздорон 4 ҳазору 667 шахси воқеӣ ва 198 шахси ҳуқуқӣ ворид гардиданд.

Бо дастрасии моддаи 47 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ва риояи талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби баҳисобгирӣ, пешбурди махзани маълумот, мубодилаи иттилоот ва назорат дар низоми идоракунии раводид ва сарҳад» ба махзани низоми ягонаи идоракунии сарҳад ва раводид нисбат ба 5014 нафар қарздор маҳдудият гузошта шуд.

Дар нимсолаи якуми соли 2022 амали мазкур натиҷаҳои мусбат дода, 297 қарздор қарзро ба маблағи 2 миллиону 382 ҳазору 092 сомонӣ пардохт намуданд.

Дар самти муносибатҳои байналмилалӣ бо намояндагони «Барномаи мусоидат ба волоияти қонун дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и Ҷамъияти ҳамкориҳои Олмон ҳамкории судмандро ба роҳ монда, бо Бюрои иҷрои маҷбурии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ёддошти тафоҳум ба имзо расид. Тасмим аст, ки дар доираи конвенсияҳои қабулгардида бо Хадамоти федералии приставҳои судии Федератсияи Россия, мақомоти иҷрои ҷумҳуриҳои Беларус, Арманистон ва дигар кишварҳои минтақа дар соҳаи истеҳсолоти иҷро ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷрибаро роҳандозӣ намоянд.

**ВОРИС, «Садои мардум»**

# ТАҲИЯИ НАҚШАИ ГЕНЕРАЛИИ 64 ШАҲРУ НОҲИЯ БА АНҶОМ РАСИД



**Дар шаш моҳи аввали соли равон 588 ҳазору 300 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ мавриди истифода қарор гирифт. Ин нуктаро раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Зувайдзода зимни нишасти матбуотӣ иброз намуд.**

Тайи нимсолаи аввали соли ҷорӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои 8604 хонанда, дармонгоҳ барои 200 қабул дар як баст, беморхона барои 47 кат ва муассисаҳои томактабӣ барои 260 ҷой ба истифода дода шуданд.

- Аз 65 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таҳияи нақшаҳои генералии 64 шаҳру ноҳияҳо пурра ба анҷом расида, бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд ва алҳол мавриди амал қарор доранд,- гуфт Маҳмадсаид Зувайдзода.

Ҷиҳати таъмини иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018 таҳти №335 «Дар бораи сохтмони биноҳои на кам аз панҷошёнаи истиқоматӣ дар марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби ҶСК «Корезлоиҳа» дар асоси нақшаҳои генералии тасдиқшудаи марказҳои шаҳру ноҳияҳо дар солҳои 2020, 2021 ва нимсолаи якуми соли 2022 асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаи барқарорсозӣ ва сохтмони шабакаи канализатсия барои шаҳру ноҳияҳои Данғара, Бохтар, Абдураҳмони Ҷомӣ, Кушониён, Левакант, Хуросон, Қубодиён, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ховалинг, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Балхӣ, Панҷ, Шамсиддин Шоҳин, Истаравшан, Шаҳристон ва Истиқлол таҳия ва ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ пешниҳод шуд.

Дар ин давра мутобиқ ба талаботи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон 683 иншоот санҷида, 1779 камбудӣ ошкор гардид. Масъулон барои роҳ додан ба саҳлангорию камбудиҳо 705 ҳазору 480 сомонӣ ҷарима шуданд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# АГАР МУСОФИРОН БЕТАРАФӢ НАКУНАНД, МУШКИЛОТ БАРТАРАФ МЕШАВАД



**- Ҳар рӯз дар автобусу троллейбусҳои шаҳр аз соати 10-11 то 16-17 дастгоҳҳои сарддиҳанда бояд фаъол карда шаванд, зеро ронандагон аз ҷониби корхонаҳо барои он 5 литр сӯзишвории иловагӣ мегиранд, - гуфт муовини Раиси шаҳри Душанбе оид ба нақлиёт Фирдавс Саидзода.**

Ӯ илова кард, ки мусофирон бояд дар бобати фаъол набудани дастгоҳҳои сарддиҳанда дар автобусу троллейбусҳои шаҳрӣ бетаваҷҷуҳ набошанд ва дар чунин ҳолатҳо ба мо муроҷиат намоянд.

Ба гуфтаи масъулин, яке аз сабабҳои гарм будани дохили автобусу троллейбусҳо ҳар панҷ дақиқа дар истгоҳҳо истодани онҳо мебошад.

- Аз соли 2018 пардохти ҳаққи роҳкиро дар автобусу троллейбусҳо аз тариқи корти нақлиётӣ ба роҳ монда шудааст, вале мутаассифона, мусофирон бо пули нақд мехоҳанд аз нақлиёти шаҳрӣ истифда баранд. Бояд мусофирон аз ронандагон талаб намоянд, ки бар ивази пул ба онҳо корти яккаратаи нақлиётӣ диҳанд, - илова намуд Фирдавс Саидзода.

Ҳоло дар Душанбе зиёда аз 500 терминал аст, ки ба фурӯши корт машғул буда, 308 ҳазор корти яккарата додаанд. Дар давраи мавриди назар бо ҳама навъи нақлиёт 176 миллиону 300 ҳазор нафар мусофир кашонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта панҷ фоиз зиёд аст.

Ҳоло дар шаҳри Душанбе 5937 нақлиёти автомобилии мусофирбар, аз ҷумла 788 нақлиёти мусофирбари корхонаҳои коммуналӣ, 1557 микроавтобусҳои сектори хусусӣ ва 2505 нақлиёти сабукрави таксӣ ба мардум хизмат мерасонанд.

Дар хатсайрҳои шаҳр ҳар рӯз то 406 автобус, 78 троллейбус, 1004 микроавтобуси сектори хусусӣ ва 2505 воситаи нақлиёти сабукрави таксӣ сафарбар мешаванд.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

# «ТОҶИКМАТЛУБОТ». ДАРОМАДИ УМУМӢ БА 47 МИЛЛИОНУ 300 ҲАЗОР СОМОНӢ РАСИД

**22 июли соли 2022 раиси Иттифоқи «Тоҷикматлубот» Ҳусейн Идиев зимни нишасти матбуотӣ зикр кард, ки баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сохтори Иттифоқи «Тоҷикматлубот» тағйирот ворид шуда, ҳоло дар мамлакат 80 дарсади бозорҳо шахсианд.**



- Мо ташкилоти худмаблағгузор ҳастем, вазифаи мо, захира, нигоҳдории маҳсулот, муътадил нигоҳ доштани нарх, беҳтарнамоии шароити кор дар бозорҳои ҷамъият мебошад.

Номбурда қайд намуд, ки ҷиҳати иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нақшаи чорабиниҳо оид ба сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳ ва зимистони солҳои 2022 - 2023» Қарори раёсати Иттифоқи «Тоҷикматлубот» қабул гардид. Тибқи нақша, анбор, сардхона ва дигар иншооти зарурӣ то оғози мавсими зимистон бо захираи маҳсулоти кишоварзӣ таъмир гардида, корҳои безараргардонӣ анҷом дода мешавад. Ҳоло шумораи умумии кормандон дар соҳаи кооператсияи матлуботи мамлакат 1 ҳазору 814 нафарро ташкил медиҳад. Ҷамъияти мазкур дорои 63 бозор мебошад, ки дар он 18 ҳазору 120 нафар ба савдо машғуланд.

Даромади умумии Иттифоқи «Тоҷикматлубот» дар давраи мавриди назар ба 47 миллиону 300 ҳазор сомонӣ расида, ба буҷети мамлакат 15 миллиону 400 ҳазор сомонӣ андоз пардохт карда шуд. Барои корҳои сохтмонӣ, таъмири бинову иншоот ва хариди воситаҳои асосӣ 4 миллиону 800 ҳазор сомонӣ харҷ шуд. Аз ҷумла, барои таъмир ва кабудизоркунии гирду атрофи бинои «Тоҷикматлубот» 2 миллиону 500 ҳазор сомонӣ, навсозии бозорҳои ҷамъиятҳои матлуботи ноҳияҳои Файзобод, Муъминобод, Ҳисор ва Носири Хусрав 811,8 ҳазор сомонӣ сарф гардид. Барои захираи маҳсулоти кишоварзӣ 47 анбор ва се сардхона ва дигар иншооти зарурӣ фаъолият менамояд.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат ба оилаҳои камбизоат, маъюбон, ятимону шахсони имконияташон маҳдуд ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 134 ҳазору 850 сомонӣ кумак расонида шуд.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

# ТЕЪДОДИ НАФАҚАГИРОНИ МАЪЮБ АФЗУДААСТ

**- Теъдоди умумии нафақагирон дар ҷумҳурӣ то 1 июли соли равон 761 ҳазору 312 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 16 ҳазору 527 нафар ё 2,2 фоиз афзудааст, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилмурод Давлатзода.**



Талаботи моҳонаи нафақа дар кишвар дар як моҳ 253 млн. 300 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 5 млн. 900 ҳазор сомонӣ ё 2,4 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамчунин, гуфта шуд, ки дар ҷумҳурӣ аз шумораи умумии нафақагирон 159 ҳазору 679 нафар ё 20,97 фоизро маъюбон ташкил медиҳанд. Теъдоди нафақагирони маъюб нисбат ба шашмоҳаи аввали соли 2021-ум 2 ҳазору 273 ё 1,4 фоиз зиёд шудааст.

- Бино ба қавли Дилмурод Давлатзода, аз шумораи умумии маъюбон 17 ҳазору 165 нафар маъюбони гурӯҳи якум, 76 ҳазору 792 маъюбони гурӯҳи дуюм ва 33 ҳазору 275 шахс маъюбони гурӯҳи сеюм буда, маблағи пардохти нафақа ба онҳо дар як моҳ 52 млн. 300 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Зикр шуд, ки ҷиҳати татбиқ намудани Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъминоти нафақа, ки соли 2021 ба имзо расид, лоиҳаи созишномаи маъмурӣ омода гардида, ҳоло он дар марҳилаи мувофиқасозӣ бо вазорату идораҳо қарор дорад.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

# 5722 ҶОИ НАВИ КОР ТАЪСИС ЁФТА, 1261 НАФАР БА ШУҒЛ ФАРО ГИРИФТА ШУДАНД



**21 июли соли ҷорӣ аз рӯи ҷамъбасти фаъолияти нимсола дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе нишасти матбуотӣ доир гардид. Зимни он раиси ноҳия Самӣ Шариф иттилоъ дод, ки тайи шаш моҳи аввали соли равон нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии умумӣ 105,3 фоиз иҷро гардида, ба буҷет ба ҷои 410 млн. сомонӣ, 431 млн. 600 ҳазор сомонӣ ворид гардид. Ин нишондод аз нақшаи пешниҳодгардида 21 млн. 600 ҳазор сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 23 млн.100 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.**

Аз қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба ҷои 83 млн. 562 ҳазор сомонӣ, 83 млн. 210 ҳазор сомонӣ харҷ гардид, ки 99,6 фоизи нақшаи шашмоҳаро ташкил медиҳад.

Зимни нишасти матбуотӣ таъсиси ҷойҳои нави кор, шахсони расман бекор, ярмаркаҳои ҷойҳои холии кор ва вазифаҳои озод мавриди таваҷҷуҳи журналистон буд.

- Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар ноҳия 5 ҳазору 722 ҷои нави кор таъсис дода, 5 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои холии кор доир гардид. Дар ин замина 1261 бекор дар 122 ташкилоту муассиса бо ҷои кори доимӣ таъмин гаштанд, - илова кард Самӣ Шариф

Таъкид гардид, ки дар давраи зикршуда музди миёнаи меҳнат дар ноҳия 3 ҳазору 568 сомонию 89 дирамро ташкил дода, кормандони ҳама ташкилоту корхонаҳои буҷетии ноҳия пурра бо маош ва нафақа таъмин гардиданд.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

# «ТОҶИКСУҒУРТА» 3 МИЛЛИОНУ 82 ҲАЗОР ПАРДОХТ КАРД. БА КИҲО?



**- КВД «Тоҷиксуғурта» дорои 63 филиалу 6 намояндагӣ буда, хизматрасониро аз рӯи 22 намуди суғурта ба роҳ монда дар дастгоҳи марказӣ ва филиалҳои он 620 нафар фаъолият мекунанд, ки 37 фоизро занон ташкил мекунанд. Дар нимсолаи аввали соли 2022 дар маҷмӯъ 236 ҳазору 896 шартномаи суғуртавӣ ба имзо расида, аз он 6 ҳазору 466 шартнома бо шахсони ҳуқуқӣ ва 230 ҳазору 430 шартнома бо шахсони воқеӣ буда, 10 ҳазору 630 шартнома ҳатмӣ ва 226 ҳазору 266 адад ихтиёрӣ мебошад. Аз шартномаҳои басташуда 22 миллиону 217 ҳазор сомонӣ маблағи ҳаққи суғуртавӣ ворид гардида, нақшаи пешбинишуда 143 дарсад иҷро шуд, - гуфт муовини якуми директори генералии корхона Абдулло Абдуллоев дар нишасти матбуотие, ки 21 июли соли 2022 баргузор гардид.**

Маблағи воридгардида нисбат ба нақшаи пешбинигардида 6 миллиону 663 ҳазор ва дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 5 миллиону 207 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Корхона дар давраи мавриди назар ба шахсони ҳуқуқию воқеӣ, ки молу амвол ва саломатиашон зарар дидааст, се миллиону 82 ҳазор сомонӣ маблағи суғуртавӣ пардохт намуд, ки аз он 3 миллиону 10 ҳазор сомонӣ ба шакли ихтиёрии суғурта рост меояд.

Дар нимсолаи аввали соли 2022 корхона 3 миллиону 148 ҳазор сомонӣ маблағҳои озоди худро ҳамчун пасандоз ба бонк гузошт. Ҳоло пасандозҳои бонкии корхона 9 миллиону 332 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Масъулин иттилоъ доданд, ки барои нимсолаи дуюми соли 2022 нақшаи воридоти ҳаққи суғуртавӣ аз рӯи ҳамаи намудҳои суғурта 17 миллиону 42 ҳазор сомонӣ муқаррар шудааст.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

# НИГАРОНИИ РЕКТОР АЗ ХОРИҶШАВИИ 450 ДОНИШҶӮ



**Дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мутахассисон аз рӯи 11 забон дар зинаҳои гуногун бо касбҳои ба бозори меҳнат рақобатпазир омода мешаванд. Ин нуктаро ректори донишкада Ҷило Гулназарзода дар нишасти матбуотие, ки 20 июли соли 2022 баргузор гардид, иброз намуд.**

Қайд гардид, ки дар донишкада 5 факултет: филологияи тоҷик, филологияи рус, забони англисӣ, забонҳои Осиё ва 16 кафедра аз рӯи 41 ихтисос бо фарогирии 5 ҳазору 101 нафар донишомӯз фаъолият менамояд. Аз ин теъдод 648 нафарашон шаҳрвандони хориҷӣ мебошанд. Дар шуъбаи рӯзона 3 ҳазору 203, шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ 1 ҳазору 796, магистратура 72 нафар ва дар докторантура 30 нафар таҳсил мекунанд.

Дар ин давра 10 конференсияи илмӣ – назариявӣ ва илмӣ – амалӣ, 18 семинар ва 16 суҳбати гирди миз баргузор гардида, аз ҷониби профессорону омӯзгорон 220 мақолаи илмӣ, 7 номгӯи монография ва 12 номгӯи дастурҳои таълимию методӣ нашр шудаанд. Дар ин давра чор унвонҷӯ рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, 11 нафар рисолаҳои илмиро ба анҷом расонида, барои дифоъ ба шӯроҳои диссертатсионӣ пешниҳод намуданд. Имсол бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди донишкада Шӯрои диссертатсионӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ таъсис дода шуд.

- Дар заминаи роҳнамоию ғамхориҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба 11 донишҷӯи ятими кулл ҳар моҳ 250 сомонӣ кумакпулӣ ҷудо мешавад.

Ҷило Гулназарзода ба саволҳои хабарнигорон ҷавобҳои қаноатбахш дода, аз хориҷ шудани 450 донишҷӯ нигаронӣ кард.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

# 560 ДОНИШҶӮИ ДОНИШКАДА УЗВИ ДАСТАИ ЯККАЧИНИ МАМЛАКАТАНД



**Ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Шодӣ Сафаров 20 июли соли равон дар нишасти матбуотӣ изҳор намуд, ки чанде пеш се донишҷӯи донишкада дар Чемпионати Осиё оид ба бокс миёни ҷавонон дар шаҳри Тошканд соҳиби медал гардиданд. Дар он мусобиқаи бонуфуз Абдумалик Болтаев дар вазни 75 кило ҷои дуюм, Муҳаммад Аброриддинов дар вазни 92 кило ҷои дуюм ва Расул Аҳадов дар вазни 67 кило ҷои сеюмро ишғол намуданд.**

- Донишҷӯи соли чоруми факултети тарбияи ҷисмонӣ Ҳақназар Назаров дар Чемпионати Осиё оид ба гӯштини кураш дар вазни 90 кило соҳиби медали нуқра гардид. Дар маҷмӯъ, 560 донишҷӯи донишкада дар навъҳои гуногуни варзиш узви дастаи яккачини мамлакат мебошанд, - гуфт Шодӣ Сафаров.

Соли равон донишкадаро 1000 донишҷӯ хатм намуда, 200 нафар бо роҳхат ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо фиристода шуданд. Дастпарварони донишкада соҳиби рутбаҳои ҳарбӣ шуда, дар қисмҳои низомӣ низ ба кор қабул гардиданд. Хатмкардагони ихтисоси «Воқеанигори варзиш» дар шабакаҳои телевизионии «Сафина», «Варзиш», радиои «Тоҷикистон» ва ғайра фаъолият мекунанд.

Соли равон ба донишкада 2500 нафар ҳуҷҷат супориданд, ки 208 нафарашон духтаронанд. Алҳол дар ин муассисаи таҳсилоти олӣ 156 духтар таҳсил мекунанд.

Аз миёни донишҷӯёни Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов 128 шаҳрванди Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошанд. Соли равон донишкадаро 22 донишҷӯ аз Ҷумҳурии Туркманистон хатм намуданд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабул намудан ба хизмат дар мақомоти гумрук ба вазифаҳои зерин ОЗМУН эълон мекунад:

**ДАСТГОҲИ МАРКАЗИИ ХАДАМОТ (4)**

**Шуъбаи иттилоотӣ**

- нозири калон – 1 воҳид, (рӯзноманигор, филолог).

**Маъмурияти системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягона**

- нозир – 3 воҳид, (барномасоз).

**РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ (3)**

**Гумрук дар «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе»**

Дидбонгоҳи гумрукии назорати мусофирон

- нозир - 1 воҳид;
- нозир кинолог - 2 воҳид.

**РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД (12)**

**Гумрук дар «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд»**

Дидбонгоҳи гумрукии назорати мусофирон

- нозир – 1 воҳид;

**Гумрук дар ноҳияи Спитамен**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Ҳаштяк

- нозир – 1 воҳид (ҷинси зан);

**Гумрук дар шаҳри Конибодом**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Патар

- нозир – 1 воҳид (ҷинси зан);

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Равот

- нозир – 1 воҳид (ҷинси зан);

**Гумрук дар ноҳияи Ҷаббор Расулов**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Маданият

- нозир – 1 воҳид (ҷинси зан);

**Гумрук дар ноҳияи Ашт**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Навбунёд

- нозир – 1 воҳид (ҷинси зан);

**Гумрук дар ноҳияи Мастчоҳ**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Фотеҳобод

- нозир-кинолог - 1 воҳид;

**Гумрук дар ноҳияи Зафаробод**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Зафаробод

- нозир – 1 воҳид (ҷинси зан);

**Гумрук дар шаҳри Истаравшан**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Истаравшан

- нозир – 1 воҳид (ҷинси зан);

**Гумрук дар шаҳри Исфара**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Гулистон

- нозир - 1 воҳид;

**Гумрук дар шаҳри Панҷакент**

Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Саразм

- нозир - 1 воҳид (ҷинси зан);
- нозир-кинолог - 1 воҳид.

**РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН (3)**

**Гумрук дар шаҳри Кӯлоб**

Дидбонгоҳи гумрукӣ дар «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб»

- нозир – 1 воҳид;

**Гумрук дар ноҳияи Шаҳритус**

Дидбонгоҳи гумрукӣ дар Истгоҳи роҳи оҳани Хошадӣ

- нозир – 1 воҳид (ҷинси зан);

**Гумрук дар шаҳри Бохтар**

Дидбонгоҳи гумрукӣ дар «Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар»

- нозир – 1 воҳид.

**РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ВМКБ (5)**

**Шуъбаи муҳофизати гумрукӣ ва таъминоти низом**

- нозир – 2 воҳид;

**Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Тем**

- нозир-кинолог - 1 воҳид;

**Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Ишкошим**

- нозир - 1 воҳид;

**Дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадии Қизил-Арт**

- нозир - 1 воҳид.

**РАЁСАТИ МИНТАҚАВИИ ГУМРУКӢ ДАР ШАҲРИ ТУРСУНЗОДА (3)**

**Шуъбаи муҳофизати гумрукӣ ва таъминоти низом**

- нозир - 1 воҳид;

**Дидбонгоҳи гумрукии Пахтаобод**

- нозир - 2 воҳид.

**1. Талабот барои иштирок дар озмун:**

- шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- синну сол аз 20 то 35;
- маълумоти олӣ аз рӯи ихтисоси фаъолияти гумрукӣ;
- донистани забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ;
- қобилияти кор бо технологияи иттилоотии муосир.

Маоши вазифавӣ - аз 820 сомонӣ то 901 сомонӣ.

Барои рутба ва собиқаи корӣ маоши иловагӣ дода мешавад.

Мутобиқи банди 10 моддаи 483 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси фармоиши Хадамоти гумрук №72-ф аз 6 апрели соли 2007 «Оид ба тасдиқ намудани Низомнома дар бораи талаботи тахассусӣ, нисбати кормандони мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои нозирони калон мавҷудияти собиқаи корӣ аз рӯи ихтисос на камтар аз 1 сол муқаррар карда шудааст.

2. Довталабон бояд дорои одоби хуби муносибат ва муошират буда, бо сифатҳои ахлоқӣ, кордонӣ, касбӣ, тайёрии ҷисмонӣ ва ҳарбӣ, инчунин, вазъи саломатии хуб ва аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда бароянд.

3. Довталабон оид ба қоидаҳои гузаронидани озмун барои қабул ба хизмат дар мақомоти гумрук метавонанд аз сомонаи расмии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **www.gumruk.tj** маълумот дастрас намоянд.

**4. Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:**

- ариза ба номи сардори Хадамоти гумрук;
- шарҳи ҳол ва пурсишнома (аз ҷониби мақомот дода мешавад);
- 4 адад сурати 3/4 ва 2 адад 9/12;
- нусхаи шиноснома;
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи маълумоти касбӣ;
- эъломия дар бораи даромад ва вазъи молумулкӣ;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (барои довталабони собиқаи коридошта);
- нусхаи билети ҳарбӣ (ба ғайр аз занҳо);
- тавсифнома аз ҷои кори охирин (характеристика);
- тақриз (отзыв);
- дигар ҳуҷҷатҳое, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

5. Ҳуҷҷатҳо аз тарафи раёсати кадрҳо ва кор бо ҳайати шахсии Хадамоти гумрук дар муҳлати то 21 рӯзи корӣ баъди чопи эълон қабул карда мешаванд.

6. Санҷишу имтиҳонҳо аз 3 марҳила иборат мебошад (марҳилаи 1 ба тариқи тестӣ, марҳилаи 2 навиштани кори хаттӣ ва марҳилаи 3 ба тариқи суҳбат).

**Нишонӣ: шаҳри Душанбе, кӯчаи Бухоро - 50/1, бинои Дастгоҳи марказии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**Телефонҳо барои маълумоти иловагӣ: 223-12-16 ва 221-16-92 (илова 121).**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 410553 | Муассисаи давлатии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони томактабии №-3»-и ноҳияи Ҷ. Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 11.08.2022 15:36:55 |
| 2 | 410554 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №8»-и н. Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 11.08.2022 15:36:55 |
| 3 | 410555 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 11.08.2022 16:05:00 |
| 4 | 410557 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 11.08.2022 16:25:00 |
| 5 | 410558 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Молҳои хоҷагӣ ва сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 11.08.2022 17:05:00 |
| 6 | 410559 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони пойгоҳи обкашӣ дар мавзеи Дашти қозии шаҳри Панҷакент (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.08.2022 11:00:00 |
| 7 | 410560 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Темурмалик дар шаҳри Гулистон, воқеъ дар кӯчаи Мирзо Турсунзода (идомаи корҳои барқтаъминкунии беруна ва камераҳои мушоҳидавӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.08.2022 11:00:00 |
| 8 | 410561 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Кати хоб ва ҷевонча барои иншоотҳои идора | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 12.08.2022 11:00:00 |
| 9 | 410562 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони биноии таълимӣ дар деҳаи Сурхоби ноҳияи Деваштич (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.08.2022 11:15:00 |
| 10 | 410563 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони биноии иловагӣ дар назди МТМУ-и №16 деҳаи Палдораки ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.08.2022 11:15:00 |
| 11 | 410564 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Боғи фарҳангию фароғатии Тоҷикистон дар маркази ноҳияи Мастчоҳ (корҳои барқтаъминкунӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 12.08.2022 11:15:00 |
| 12 | 410565 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Мизу курсиҳои талабагӣ ва лавозимоти дигари мактабӣ барои Мактаб - интернати ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 12.08.2022 12:00:00 |
| 13 | 410566 | Корхонаи давлатии фаръии Хоҷагии манзилию коммуналии шаҳри Панҷакент | Гул | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 12.08.2022 12:00:00 |
| 14 | 410512 | Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» | Таҷҳизоти офисӣ, курсӣ барои хонандагон, насоси обкашӣ, рахти хоб, кӯрпа, матрас, ангишт ва ҳезум | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 15.8.2022 16:23:44 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://eprocurement.gov.tj баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 12 августи соли 2022 музоядаҳои № 24, 25, 26 ва 27-ро оид ба фурӯши амволи мусодирагардида барпо менамояд

**Музоядаи № 24**

| т/р | Номгӯи воситаҳои асосӣ | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Чархҳои автомашинаи сабукрав | адад | 124 | 43400 |
| 2 | Либосҳои бачагона ва духтарона (детский) | кг. | 17 | 850 |

**Музоядаи № 25**

| т/р | Номгӯи воситаҳои асосӣ | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Маводи сӯхти навъи хокаи ангишт | кг | 1000 | 600 |
| 2 | Тӯри моҳидорӣ | адад | 1 | 70 |
| 3 | Маводи сӯхти навъи хокаи ангишт | кг | 3200 | 1920 |
| 4 | Зарфҳои пластмассии намуди крушка истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | адад | 240 | 1200 |
| 5 | Чои хушгираки пластмассии истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | адад | 40 | 280 |
| 6 | Чангаки моҳидорӣ | адад | 8 | 640 |
| 7 | Дафтари 12 варақаи истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | адад | 6500 | 1950 |
| 8 | Собуни истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | адад | 2350 | 9400 |
| 9 | Нурии минералии «Супер фосфат» | кг | 750 | 5625 |
| 10 | Нурии минералии «Селитра» | кг | 3200 | 22400 |
| 11 | Ҷӯроби мардонаи истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | ҷуфт (1150) | ҷуфт (1150) | 4600 |
| 12 | Салфеткаи коғазии навъӣ «Весна»-и истеҳсоли Қирғизистон | адад | 250 | 1000 |
| 13 | Обрези пластмассӣ | адад | 20 | 100 |
| 14 | Сатилчаи ғунҷоишаш 5 - литра | адад | 75 | 450 |
| 15 | Ангишти навъи (Аречка) | кг | 600 | 480 |
| 16 | Тӯри моҳидорӣ | 8 адад | 25 метр | 560 |
| 17 | Тӯри моҳидорӣ | 1 адад | 25 метр | 70 |
| 18 | Нурии минералии навъи «Селитра» | кг | 500 | 3500 |
| 19 | Нурии минералии навъи «Аммофос» | кг | 100 | 800 |
| 20 | Хокаи ангишт | кг | 650 | 390 |
| 21 | Маҳсулоти кишоварзии навъи пиёз | кг | 1100 | 1100 |
| 22 | Нурии минералии навъи «Силитра» | кг | 400 | 2800 |
| 23 | Хокаи ангишт | кг | 1000 | 600 |
| 24 | Сӯзишвории дизелӣ | литр | 300 | 3000 |
| 25 | Хокаи ангишт | кг | 4000 | 2400 |
| 26 | Ангишти навъи «Аречка» | кг | 1000 | 1600 |
| 27 | Хокаи ҷомашӯии «Миф» | 28,8 кг | 16 адад | 432 |
| 28 | Масолеҳи сохтмонии навъи тахта | $м^3$ | 15,04 | 46200 |
| 29 | Нурии минералии «Селитра» истеҳсоли ФР | 2000 кг | 40 халтаи 50 кг | 16000 |
| 30 | Хокаи ангишти истеҳсоли Ҷумҳурии Қирғизистон | 1700 кг | 34 халтаи 50 кг | 1360 |
| 31 | Нурии минералии «Суперфосфат» | 200 кг | 4 халтаи 50кг | 1500 |
| 32 | Нурии минералии «Суперфосфат» | 400 кг | 8 халтаи 50кг | 3000 |
| 33 | Хокаи ангишти истеҳсоли Ҷумҳурии Қирғизистон | 1000 кг | 20 халтаи 50 кг | 800 |
| 34 | Нурии минералии «Суперфосфат» | 400 кг | 8 халтаи 50кг | 3000 |
| 35 | Хокаи ангишти истеҳсоли Ҷумҳурии Қирғизистон | 2000 кг | 40 халтаи 50 кг | 1600 |
| 36 | Нурии минералии «Суперфосфат» истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 400 кг | 8 халтаи 50 кг | 3000 |
| 37 | Нурии минералии «Суперфосфат» истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 400 кг | 8 халтаи 50 кг | 3000 |
| 38 | Нурии минералии «Суперфосфат» истеҳсоли Ҷумҳурии Қирғизистон | 350 кг | 7 халтаи 50 кг | 2800 |
| 39 | Нурии минералии «Суперфосфат» истеҳсоли Ҷумҳурии Ӯзбекистон | 400 кг | 8 халтаи 50 кг | 3000 |
| 40 | Нурии минералии «Суперфосфат» | 500 кг | 10 халтаи 50 кг | 3750 |
| 41 | Нурии минералии «Суперфосфат» истеҳсоли Ҷумҳурии Қирғизистон | 350 кг | 7 халтаи 50 кг | 2800 |
| 42 | Нурии минералии «Суперфосфат» | 650 кг | 13 халтаи 50кг | 4875 |
| 43 | Собуни истеҳсоли Ҷумҳурии Қирғизистон | 224 адад | 224 адад | 964 |
| 44 | Хокаи ангишти истеҳсоли Ҷумҳурии Қирғизистон | 1000 кг | 20 халтаи 50 кг | 800 |
| 45 | Ангишти намуди «Орешка» истеҳсоли Ҷумҳурии Қирғизистон | 1000 кг | 20 халтаи 50 кг | 1700 |
| 46 | Хокаи ангишти истеҳсоли Ҷумҳурии Қирғизистон | 3150 кг | 63 халтаи 50 кг | 2520 |
| 47 | Хокаи ангишти Ҷумҳурии Қирғизистон | 3440 кг | 68 халтаи 50 кг | 2752 |

**Музоядаи № 26**

| т/р | Номгӯи воситаҳои асосӣ | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Пойафзоли занона истеҳсоли Туркия | кг | 715,4 | 85 848 |

**Музоядаи № 27**

| № | Номгӯи воситаҳои асосӣ | Воҳиди ченак | Миқдор | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | адад, баста, халта | 14335 1420 5 | 85 590 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда: **ш. Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда **соати** $\mathbf{10^{00}}$ барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона супорида мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74** ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА ПОДАЧУ КОТИРОВОК

## Реабилитация учреждений ПМСП

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного Банка для покрытия расходов Проекта «Раннее развитее детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на реабилитацию учреждений ПМСП.

Исходя из вышесказанного ГРП МФ РТ проводит тендера по ниже заявленным пакетам и любезно просит заинтересованные компании/фирмы предоставить свои котировки на:

**1. Пакет 1 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**2. Пакет 2 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**3. Пакет 3 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**4. Пакет 4 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**5. Пакет 5 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**6. Пакет 6 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**7. Пакет 7 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**8. Пакет 8 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**9. Пакет 9 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**10. Пакет 10 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**11. Пакет 11 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**12. Пакет 12 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**13. Пакет 13 – Реабилитация учреждений ПМСП**
**14. Пакет 14 – Реабилитация учреждений ПМСП**

При подготовке коммерческого предложения фирмы должны руководствоваться прилагаемой формой, которую можно получить по указанному ниже адресу или по электронной почте с $9^{00}$ до $15^{00}$ по местному времени.

Котировки и другая дополнительная информация должны быть представлены по электронной почте или в печатном виде по указанному ниже адресу до $15^{00}$ 8 августа 2022 года.

Министерство финансов Республики Таджикистан, ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе, (Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ). E-Mail: jobs.info@ecdp.tj. Тел: (37) 221-06-91.

# МУКОФОТ ИНТИЗОР!

Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А № 00542968, мутааллиқ ба Муродов Нозим Азамович, гум шудааст.

Шахсоне, ки онро ёфта баргардонанд, мукофот интизор аст.

**Телефонҳо барои тамос: 900-96-92-58, 988-02-70-47.**

# ДАРАК ДИҲЕД!

Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба шаҳрванд Гусев Анатолий Александрович, санаи таваллудаш 8 сентябри соли 1945, сокини шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳамадиев, бинои 58, ҳуҷраи 99 пешниҳод менамояд, ки ба Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ҳозир шавад ё дар бораи ҷои зисташ хабар диҳад.

Аз ҳамаи шаҳрвандон хоҳиш менамоем, ки агар дар бораи Гусев Анатолий Александрович маълумоте доранд, бо телефони 777-09-04-34 хабар диҳанд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 0930083596, РМА 095057244-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор ба Рахматов Олимҷон Купайсунович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи БП № 445856-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №138-и ноҳияи Варзоб (ҳоло МТМУ №3-и ноҳияи Варзоб) соли 1976 ба Исмоилова Зебогул Қурбоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти № 451 бо РЯМ 6030127721-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Панҷакент соли 2017 ба Ҳамроев Илҳомҷон Маҳмадшарифович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми силсилаи А № 287023-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №203-и ноҳияи Ленин (ҳоло Литсейи давлатӣ аз рӯи РОАФТД) соли 1995 ба Қодирова Мавлуда Маҳмадшарифовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи ҳаштуми силсилаи А № 076544-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ноҳияи Варзоб соли 1992 ба Сидиқов Абдуҳамидбой Сангинмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии Федератсияи Россия 4606676616-и гумшуда, ки онро ШКД-и шаҳри Подольски ноҳияи Подольски вилояти Москва19 январи соли 2005 ба Меликянц Лилия Валерьевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи таваллуди силсилаи 1-МН № 506200-и гумшуда, ки онро Сафорати Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 июни соли 2001 ба Меликянц Ирина Валерьевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-ШТУ № 0667931-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4 - и деҳаи Муҷуни ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд соли 2013 ба Усмонов Миралӣ Рустамалиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи Т-АТУ № 0272447-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4-и деҳаи Муҷуни ноҳияи Деваштичи вилояти Суғд соли 2016 ба Юсупов Озод Зафарович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини № 0751733 таҳти қайди 235-и гумшуда, ки онро Кумитаи заминсозии шаҳри Панҷакент 20 июли соли 2011 ба Пӯлотова Мавлуда додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 1230221823, РМА 127128509-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ соли 2022 ба Исаков Шерзод Собирҷанович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ДТО № 0249360 таҳти қайди 1976-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2019 ба Раҳматуллоев Алишер Нурмухамедович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми силсилаи А № 215122-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №203-и ноҳияи Ленин (ҳоло литсейи давлатӣ РОАФТД ноҳияи Рӯдакӣ) соли 1995 ба Қодирова Малика Маҳмадшарифовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи БТ № 037920 таҳти қайди 167-и гумшуда, ки онро Мактаби милитсияи шаҳри Душанбе (ҳоло Академияи милитсия) соли 1982 ба Қурбонов Икром Ҳоҷимуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии таххонаи «Таваққуфгоҳи 82» бо № 77466-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе соли 2017 бо суроғаи ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Пушкин 10 ба Халилов Муҳаммад Алӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи АБ № 255030-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №52-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 2001 ба Алимова Шаҳло Тахировна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории № 24103-и гумшуда, ки онро КФБТ-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2010 бо суроғаи ҷамоати Чоргултеппа, деҳаи Навбунёд ба Шеменов Абдуғанӣ Сапаркулович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи ГТС № 0046902-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба номи Лоиқ Шералӣ соли 2003 ба Шарипова Нилуфар Талабшоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №24034-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе соли 2017 бо суроғаи ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Пушкин, бинои 10, ҳуҷраи 97 ба Халилов Муҳамадалӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии №1638-и гумшуда аз соли 1991 ва шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи № 8Д -5412-и гумшуда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Абдуллобеков, бинои 9/1, мутааллиқ ба Джураев Шоҳрух Неъматович, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии силсилаи А № 00123933-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Тавилдара соли 2015 ба Маҳмадов Дилшод Суннатуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ барои тасдиқи нотариалии аҳдҳо бо № 2/839-и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ»-и шаҳри Душанбе 10 майи соли 2017 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Пушкин, бинои 10, ҳуҷраи 97 ба Халилов Муҳаммад – Алӣ Салимович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи БП № 573436-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и ноҳияи Қубодиён соли 1978 ба Расулова Мошариф Давлятовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи нафақавии № 11854-и гумшуда, ки онро шуъбаи муҳофизаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 ба Гулмуродов Маҳмадназар додааст, эътибор надорад.

**Хонандагони азиз, хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро метавонед аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**


Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

САРМУҲАРРИР
*АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло*

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Некқадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов*

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

*Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97*

*Ба чопаш 26 июли соли 2022, соати 11:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха*

Навбатдорони шумора Абдулвоҳидова Ш. ва Тоҳирӣ Ҳ.

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров